Тасдиқ мекунам:
Раиси Раёсати
ҶСК "Бонки Эсхата"
Райнер Мюллер-Ҳанке
____________________
аз "11" марти 2021 сол.

# ҚОИДАҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ КОМПЛЕКСИИ БОНКӢ БАРОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ДАР ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА"

Таҳрири №1
Амал аз 12 марти 2021 сол.

**Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Бонки Эсхата"**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Гагарин 135. Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои иҷрои амалиётҳои бонкӣ аз 20.05.2010 сол.
Муҳлати амали иҷозатнома - бемуҳлат.
РМА: 510004229, РЯМ: 5110001371, БИК: 350501707, С/мусосилотӣ: 20402972457071
Телефон барои тамос: +992 44 6000600, рақами кӯтоҳи 808.
Email: info2@eskhata.tj, shikoyat@eskhata.tj

**МУНДАРИЧА**


| | | |
|---|---|---|
| | МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ........ | 3 |
| 1. | ИСТИЛОҲҲО ВА МАФҲУМҲО ........ | 3 |
| 2. | МАТЛАБИ ҚОИДАҲО ВА ТАРТИБИ ҲАМРОҲ ШУДАН БА ҚОИДАҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ КОМПЛЕКСИИ БОНКӢ ........ | 5 |
| 3. | НОМГӮИ ХИЗМАТРАСОНИҲОЕ, КИ ДАР ДОИРАИ ХИЗМАТРАСОНИИ КОМПЛЕКСИИ БОНКӢ ПЕШНИҲОД КАРДА МЕШАВАНД ........ | 7 |
| 4. | ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО ........ | 8 |
| 5. | МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО ........ | 10 |
| 6. | ҲОЛАТҲОИ ҒАЙРИЧАШМДОШТ (ФОРС – МАЖОР) ........ | 11 |
| 7. | МУҲЛАТИ АМАЛӢ ҚОИДАҲО ВА ТАРТИБИ ТАҒЙИР ВА БЕКОР КАРДАНИ ОН ........ | 11 |
| 8. | ШАРТҲОИ ДИГАР ........ | 12 |

## МУҚАРРАРОТИ УМУМИИ
## ҚОИДАҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ КОМПЛЕКСИИ БОНКӢ

Қоидаҳои хизматрасонии комплексии бонкӣ барои шахсони воқеӣ дар ҶСК "Бонки Эсхата" (минбаъд дар матн "Қоидаҳои ХКБ" ё "Қоидаҳои мазкур") шарт ва тартиби аз ҷониби Бонк пешниҳод гардидани хизматрасонии комплексии бонкиро ба Мизоҷ ба танзим медарорад.

## 1. ИСТИЛОҲҲО ВА МАФҲУМҲО

- **Авторизатсия** – тартиби тасдиқ намудани ваколатҳои дорандаи корт аз ҷониби ношир барои гузаронидани амалиёт бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ;
- **Ариза-дархост** – дархости ҳамроҳ шудан ба Қоидаҳои хизматрасонии комплексии бонкӣ барои шахсони воқеӣ, ки шакли он аз ҷониби Бонк муқаррар карда шудааст (Замимаи №1 ба Қоидаҳои мазкур).
- **Аутентификатсия** – раванди тасдиқи аслият тавассути муқоиса намудани гузарвожаи дохилнамудаи истифодабаранда бо гузарвожа дар низоми иттилоотӣ;
- **Амонат** – маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба бонк барои нигаҳдорӣ супурда шудаанд;
- **Бонк** – Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Бонки Эсхата";
- **Воситаи электронии пардохтӣ** – восита ва (ё) усуле, ки ба муштарии таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ барои таҳия, тасдиқ ва додани фармоиши пардохтӣ бо мақсади интиқоли маблағ дар доираи шаклҳои истифодашавандаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ҳомили электронии иттилоот, аз ҷумла корти пардохтии бонкӣ ва дигар таҷҳизоти техникӣ имкон медиҳад;
- **Ғайрирезидентҳо** – шахсони воқеие, ки резидент намебошанд;
- **Дорандаи корт** – шахси воқеӣ ё шахси аз ҷониби шахси ҳуқуқии соҳиби суратҳисоб ваколатдоршуда, ки дар асоси Қоидаҳои пешниҳоди корт ҳуқуқи гузаронидани амалиётро бо истифодаи корт доро мебошад;
- **Кортҳои локалӣ (дохилӣ)** – корте, ки танҳо дар доираи шабакаи терминалии бонк хизматрасонӣ карда мешаванд;
- **Кортҳои миллӣ** - корте, ки дар доираи шабакаи терминалии иштирокчиёни Низоми пардохтии миллии "Корти миллӣ" хизматрасонӣ карда мешаванд;
- **Корти пардохтии бонкӣ (Корт)** – воситаи пардохтие мебошад, ки тавассути он дорандаи корт бо истифодаи рақами мушаххаскунандаи шахсии худ ва/ё дигар рамзҳое, ки дорандаи корти пардохтии бонкиро муайян менамояд, барои гузаронидани амалиёти аз ҷониби ношир пешбинишуда, ба суратҳисоби бонкӣ дастрасии фосилавӣ дорад;
- **Қарз** – маблағе, ки аз ҷониби бонк ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба мӯҳлати муайян дода шудааст;
- **Мизоҷ**- шахси воқеие, ки бо пешниҳоди ариза-дархост ба Қоидаҳои ХКБ ҳамроҳ шудааст;
- **Мушаххаскунӣ** – тартибе, ки дар натиҷаи иҷрои он субъекти муроҷиаткунанда бо мушаххасоти инфиродӣ ва ягонаи дар низоми иттилоотӣ бақайдгирифташуда мушаххас карда мешавад ва тасдиқ меёбад. Барои иҷрои тартиби мушаххаскунӣ дар низоми иттилоотӣ ба Мизоҷ пешакӣ бояд мушаххасоти дахлдор дода шавад (яъне, Мизоҷ дар низоми иттилоотӣ бояд ба қайд гирифта шавад);

- **Нуқтаи пешниҳод ва/ё қабули пули нақд** – хазинаи бонк, филиали он ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ, нуқтаи хизматрасонии хазинавӣ ва воҳидҳои сайёр, инчунин агенти пардохтии бонкӣ, ки барои гузаронидани амалиёти пешниҳод ва/ё қабули пули нақд ва иҷро намудани ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ пешбинӣ шудааст;
- **Овердрафт** – қарзи кӯтоҳмуддат барои амалӣ намудани пардохтҳои аз маблағи дар суратҳисоб будаи Мизоҷ зиёдтар, ки дар ҳудуди маблағ ва шартҳои Қоидаҳои пешниҳоди корт муайян гаштаанд;
- **Пасандоз** – маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба бонк бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст;
- **Рақами мушаххаскунандаи шахсӣ** – рамзи шахсие, ки бо мақсади мушаххас кардани дорандаи корт ҳангоми гузаронидани амалиёт бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ аз тарафи ношир ба дорандаи корт дода мешавад;
- **Резидентҳо** – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба ҳамин сифат мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» эътироф шудаанд;
- **Суратҳисоби бонк** – суратҳисоби бонкии Мизоҷ бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ, ки дар бонк кушода шуда, дар он бақия ва гардишҳои маблағҳои пулии Мизоҷ инъикос мегардад;
- **Суратҳисоби кортӣ** – ин суратҳисоби бонкӣ мебошад, ки тавассути он ҳамаи амалиёти ба воситаи корт иҷрогардида ба ҳисоб гирифта мешаванд;
- **Суратҳисоби умумикардашудаи кортӣ** - ин суратҳисоби бонкӣ мебошад, ки дар он маблағҳои пулии аз рӯи кортҳои пешпардохти аз ҷониби ношир баровардашуда ба ҳисоб гирифта мешаванд;
- **Тарафҳо-** Бонк ва Мизоҷ;
- **Тараф-** Бонк ё Мизоҷ;
- **Тарофаи Бонк (Тарофа, Тарофаи хизматрасонӣ)** – ҷадвале, ки дар он нархи хизматрасонии Бонк ҷойгир карда шудааст;
- **Терминал (ихтисораи pos-терминал мутобиқи амалияи байналмилалӣ)** – таҷҳизоти барномавию техникии электронӣ, ки барои хондани маълумот аз корт, таҳия, интиқол ва қабул намудани маълумот дар бораи амалиёт бо корт ба (аз) низоми пардохтии дахлдор имконият медиҳад;
- **Хизматрасонии фосилавии бонкӣ (бонкинги электронӣ)** – хизматрасоние мебошад, ки бо истифодаи воситаҳои барномавию техникӣ ва телекоммуникатсионӣ барои гузаронидани амалиёти бонкӣ, гирифтани иттилоот оиди бақияи маблағ дар суратҳисоби бонкӣ ва амалиёти гузаронидашуда, ба Мизоҷ дастрасии фосилавиро ба суратҳисоби бонкии ӯ дар бонк имконият медиҳад;
- **Ҳамёни электронӣ** - воситаи электронии пардохтӣ, микропротсессор (чип), таъминоти барномавии компютерӣ ва дигар воситаи барномавии техникӣ, ки дар он маблағҳои электронӣ нигоҳ дошта шуда, тавассути он интиқоли маблағҳои электронӣ сурат мегирад;
- **Ҳуҷҷати пардохти электронӣ** – маълумоте, ки дар ҳомили мошинӣ сабт шуда, шакли электронии ҳуҷҷати пардохтии коғазӣ мебошад, мувофиқи қоидаҳои низоми пардохтӣ андозаи муқарраршуда дорад ва маълумоти заруриро барои анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ тибқи муқаррароти қонунгузорӣ дар бар мегирад;
- **Чек** – ҳуҷҷати коғазӣ ё ҳуҷҷати дар шакли электронӣ тартибдодашуда, ки амалиёти бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ гузаронидаро тасдиқ менамояд;

- **Эсхата Онлайн** – бонкдории мобилӣ, ки бо истифодаи воситаҳои барномавию техникӣ ва телекоммуникатсионӣ барои гузаронидани амалиёти бонкӣ, гирифтани иттилоот оиди бақияи маблағ дар суратҳисоби бонкӣ ва амалиёти гузаронидашуда, ба мизоҷ (дорандаи бонки мобилӣ) дастрасии фосилавиро ба суратҳисоби бонкии ӯ имконият медиҳад;

## 2. ТАРТИБИ ҲАМРОҲ ШУДАН БА ҚОИДАҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ КОМПЛЕКСИИ БОНКӢ

2.1. Хизматрасониии комплексии бонкӣ ба шахсони воқеӣ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк ва Қоидаҳои мазкур пешниҳод мегардад.

2.2. Ҳамрохшавӣ ба Қоидаҳои ХКБ бо роҳи ҳамроҳшавии Мизоҷ ба Қоидаҳои мазкур мутобиқи моддаи 460 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи пешниҳоди Ариза-дархости шакли муқарраргардида ё имзо намудани аризаи хизматрасонии дилхоҳи бонкӣ ба амал бароварда мешавад. Имзо гузоштани Мизоҷ ба Ариза-дархост ва пешниҳод намудани он ба Бонк маънои онро дорад, ки Мизоҷ бо шартҳои Қоидаҳои мазкур ва замимаҳои он, аз ҷумла бо Тарофаҳои Бонк розӣ мебошад ва уҳдадор мешавад, ки онҳоро бе чунучаро иҷро намояд.

2.3. Бо мақсади шиносоии Мизоҷ бо Қоидаҳои ХКБ Бонк Қоидаҳои мазкур (аз ҷумла тағйироту иловаҳо ба Қоидаҳои мазкур ва ё таҳрири нави он) ва Тарофаҳои Бонкиро дар ҷойҳои зерин бо яке аз тарзҳо, ки ба Мизоҷ имконияти шинос шуданро медиҳад, ҷойгир менамояд:

- бо ҷойгир кардани Қоидаҳои ХКБ дар сомонаи расмии Бонк www.eskhata.com;
- ба воситаи ҷойгир намудани маълумот дар гӯшаҳои иттилоотии идораи амалиётӣ ва филиалҳои Бонк;
- ба воситаи низомҳои махсуси интернетӣ ва СМС-ӣ;
- бо дигар роҳ ва усулҳои дастрас, ки Мизоҷ тавонад бо он шинос шавад ва дарк намояд, ки он аз номи Бонк омадааст.

Бо хоҳиш ва талаби Мизоҷ матни Қоидаҳои мазкур метавонад, ба Мизоҷ бо тарзи чопӣ (дар ҳомили қоғазӣ) барои шинос шудан пешниҳод карда шавад.

2.4. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи аз ҷониби Бонк қабул шудани Ариза-дархости Мизоҷ басташуда ба ҳисоб меравад.

2.5. Ба Мизоҷ нусхаи Ариза-дархости ӯ бо қайди Бонк оиди қабул намудани он дода мешавад.

2.6. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои барои муайян кардани Мизоҷ пешниҳодшаванда бояд дар таърихи пешниҳод шуданашон эътиборнок бошанд. Ҳуҷҷатҳое, ки пурра ё қисман ба забони хориҷӣ таҳия шудаанд, бояд аз тарафи Мизоҷ бо тарҷумаи тасдиқшуда ба забони давлатӣ ба Бонк пешниҳод гарданд.

2.7. Дар доираи хизматрасонии комплексии бонкӣ Бонк ба Мизоҷ имконият медиҳад, ки дар давраи амали Қоидаҳои ХКБ аз хизматрасониҳои дар Боби 3 Қоидаҳои ХКБ “Номгӯи хизматрасониҳое, ки дар доираи хизматрасонии комплексии бонкӣ пешниҳод мешавад” ва Тарофаи Бонк муқарраргардида, истифода барад.

Хизматрасонии комплексии дар Қоидаҳои мазкур пешбинӣ гардида, ба Мизоҷ дар воҳидҳои сохтории Бонк ва дигар низомҳои бонкӣ, мутобиқи реҷаи кории муайянкардаи Бонк расонида мешавад.

Хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ бо истифодаи воситаҳои техникӣ ва маҷмӯи барномаҳои компютерӣ ва мобилӣ ҳангоми мавҷуд будани имкониятҳои техникии Мизоҷ ва Бонк ба амал бароварда мешавад.

2.8. Барои хизматрасониҳои маҳсулотҳои бонкӣ дар доираи Қоидаҳои мазкур Бонк тибқи Тарофаи мавҷуда, ки дар сомонаи расмии Бонк www.eskhata.com ҷойгир карда шудааст, ҳаққи хизматрасониро мегирад.

2.9. Ҳуҷҷатҳои дар муносибати байни Мизоҷ ва Бонк истифодашавандае, ки ба тариқи электронӣ аз ҷониби Мизоҷ ба Бонк равон карда мешаванд, ҳангоми натиҷаи мусбии аутентификатсия ва мушаххаскунии Мизоҷ, аз номи Мизоҷ фиристонида шуда ҳисоб меёбанд ва ҳамчун баробар ба ҳуҷҷати қоғазии бо даст имзо гардида эътироф карда мешаванд ва ба ҳуҷҷатҳои дар ҳомили қоғазӣ будае, ки аз ҷониби Тарафи дахлдор бо дасти худ имзо шудаанд, баробар карда мешавад.

2.10. Бо ҳамроҳ шудан ба Қоидаҳои ХКБ Мизоҷ ба Бонк ҳуқуқи бе фармоиши иловагӣ (бо тариқи беаксептӣ) аз суратҳисобҳои Мизоҷ (аз он ҷумла, ҳамёни электронӣ), ки дар Бонк кушода шудааст, гирифтани ҳаққи хизматрасониҳои бонкӣ ва подошпулиҳоро тибқи Тарофаи Бонк ва дигар хароҷотҳоро дар давоми амали Қоидаҳои мазкур медиҳад:

- барои пардохти қарзи ба миён омада дар назди Бонк оид ба кредити додашуда, аз ҷумла комиссия, ноустуворона, фоизҳои ҳисобшуда, қарзи асосӣ ва ҷаримаҳое, ки дар Шартҳои дахлдори пешниҳоди хизматрасонии бонкӣ, дигар Қоидаҳо ва созишномаҳо бо Бонк ва Тарофа пешбинӣ шудааст;
- барои рӯйпӯш кардани қарздорӣ дар назди Бонк, ки дар натиҷаи истифодаи корти овердрафт ба миён омадааст, аз ҷумла комиссия, ноустуворона, фоизҳои ҳисобшуда, қарзи асосӣ ва ҷаримаҳое, ки дар Шартҳои дахлдори пешниҳоди хизматрасонии бонкӣ, дигар Қоидаҳо ва созишномаҳо бо Бонк ва Тарофа пешбинӣ шудааст;
- ҷуброни хароҷотҳои бо ҳуҷҷат тасдиқшудаи Бонк, ки дар натиҷаи хизматрасони ба Мизоҷ пайдо шудаанд;
- маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмие, ки ҳангоми иҷрои Қоидаҳои ХКБ ба миён омадаанд ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд пардохта шаванд;
- воситаҳои пулие, ки аз ҷониби Бонк ба суратҳисоби ва ё ҳамёни электронии Мизоҷ саҳван гузаронида шудааст.

2.11. Дар ҳолати мавҷуд набудан ва ё нокифоягии воситаҳои пулӣ дар суратҳисобҳои Мизоҷ, уҳдадории пулии Мизоҷ аз востиҳои пулие, ки дар оянда ба суратҳисобҳо ворид мешаванд, ситонида мешаванд.

Ҳангоми ситонидани маблағҳои дар суратҳисобҳои асъори хориҷӣ/миллии ҷойгиршуда, маблағҳои асъори хориҷӣ/миллӣ бо қурби хариду фурӯши асъори хориҷии муқаррарнамудаи Бонк дар рӯзи амалиёт ба асъори миллӣ/хориҷӣ мубаддал (фурӯши маблағҳои асъори хориҷӣ/миллӣ) карда мешавад. Хароҷоти марбут ба мубаддал (фурӯши асъорӣ хориҷӣ/миллӣ) аз ҳисоби Мизоҷ анҷом дода мешавад.

2.12. Бо созиши Тарафҳо дар доираи Қоидаҳои ХКБ созишномаҳо ва дигар аҳдҳо дутарафа баста шуданаш мумкин аст, ки он қисми ҷудонашавандаи Қоидаҳои мазкурро ташкил медиҳад.

## 3. НОМГӮИ ХИЗМАТРАСОНИҲОЕ, КИ ДАР ДОИРАИ ХИЗМАТРАСОНИИ КОМПЛЕКСИИ БОНКӢ ПЕШНИҲОД МЕШАВАНД

**3.1. Кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои амонатии бонкӣ бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ:**

3.1.1. Дар доираи Қоидаҳои ХКБ Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ки ба Бонк бо дархости шакли муайян барои кушодани суратҳисобҳои амонатии бонкӣ, аз ҷумла бо роҳи дастрасии фосилавӣ тариқи низомҳои хизматрасонии фосилавии бонкӣ муроҷиат намояд;
3.1.2. Кушодан ва пешбурдани суратҳисобҳои амонатии бонкӣ тибқи Шартномаи дахлдор ба роҳ монда мешавад, ки ба таври электронӣ тариқи низомҳои хизматрасонии фосилавии бонкӣ ба Мизоҷ пешниҳод мешавад. Тариқи фосилавӣ тасдиқ намудани Шартномаи суратҳисоби амонатии бонкӣ аз чониби Мизоҷ ба имзо кардани он аз тарафи Мизоҷ дар ҳомили қоғазӣ баробар аст. Шартномаи электронӣ бо Шартнома дар ҳомили қоғазӣ баробарқимат буда, қувваи баробари ҳуқуқӣ дорад.

**3.2. Кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои пасандозии бонкӣ бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ:**

3.2.1. Дар доираи Қоидаҳои ХКБ Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ки ба Бонк бо дархости шакли муайян барои кушодани суратҳисобҳои пасандозии бонкӣ, аз ҷумла бо роҳи дастрасии фосилавӣ тариқи низомҳои хизматрасонии фосилавии бонкӣ муроҷиат намояд;
3.2.2. Кушодан ва пешбурдани суратҳисобҳои пасандозии бонкӣ тибқи Шартномаи дахлдор ба роҳ монда мешавад, ки ба таври электронӣ тариқи низомҳои хизматрасонии фосилавии бонкӣ ба Мизоҷ пешниҳод мешавад. Тариқи фосилавӣ тасдиқ намудани Шартномаи суратҳисоби пасандозии бонкӣ аз ҷониби Мизоҷ ба имзо кардани он аз тарафи Мизоҷ дар ҳомили қоғазӣ баробар аст. Шартномаи электронӣ бо Шартнома дар ҳомили қоғазӣ баробарқимат буда, қувваи баробари ҳуқуқӣ дорад.

**3.3. Хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардохти бонкӣ:**

3.3.1. Дар доираи Қоидаҳои ХКБ Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ки ба Бонк бо дархости шакли муайян барои нашри корти бонкӣ якҷоя бо кушодани суратҳисоби бонкӣ, аз ҷумла бо роҳи дастрасии фосилавӣ тариқи низомҳои хизматрасонии фосилавии бонкӣ муроҷиат намояд.
3.3.2. Хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардохти бонкӣ тибқи Шартномаи дахлдор ба роҳ монда мешавад, ки ба таври электронӣ тариқи низомҳои хизматрасонии фосилавии бонкӣ ба Мизоҷ пешниҳод мешавад. Тариқи фосилавӣ тасдиқ намудани Шартномаи хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардохти бонкӣ аз чониби Мизоҷ ба имзо кардани он аз тарафи Мизоҷ дар ҳомили қоғазӣ баробар аст. Шартномаи электронӣ бо Шартнома дар ҳомили қоғазӣ баробарқимат буда, қувваи баробари ҳуқуқӣ дорад.

**3.4. Хизматрасонии фосилавии бонкӣ:**

3.4.1. Дар доираи Қоидаҳои ХКБ Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ки барои амалигардонии хизматрасонии фосилавии бонкӣ аз афзораки бонки мобилии "Эсхата Онлайн" истифода барад. Мушаххаскунии ҳамёни мобилии Мизоҷ тибқи талаботҳои муқаррар намудаи Бонки миллии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии дохили бонкӣ амалӣ карда мешавад.
3.4.2. Хизматрасонии бонки мобилии "Эсхата Онлайн" ва мубодилаи ҳуҷҷатҳои пардохтии электронӣ байни Бонк ва Мизоҷ тибқи Созишнома оиди анҷом додани интиқоли воситаҳои пулӣ бо истифода аз хизматрасонии "Эсхата Онлайн" (Замимаи №1 ба Қоидаи мазкур) (минбаъд Созишнома) ва замимаҳои он (Созишномаи литсензионии истифодабарии барномаи "Эсхата Онлайн" ва Сиёсати махфияти ҶСК "Бонки Эсхата") ба роҳ монда мешавад, ки ба Қоидаҳои ХКБ замима карда шудааст;

## 4. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ БОНК ВА МИЗОҶ

**4.1. Бонк ҳуқуқ дорад:**

4.1.1. Аз Мизоҷ маълумот ва ҳуҷҷатҳои иловагии бо гузаронидани амалиёт вобастаро, бо мақсади мушаххаскунии Мизоҷ, назорати асъорӣ ва дигар ҳолатҳо талаб намояд.
4.1.2. Дар сурати аз ҷониби Мизоҷ пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи маълумотҳои барои мушахаскунии Мизоҷ лозима, аз бастани Қоидаҳои ХКБ даст кашад;
4.1.3. Фармоиши Мизоҷро оид ба гузаронидани амалиётҳое, ки бо талаби Бонк иттилоот ва ҳуҷҷатҳои лозима пешниҳод нашудаанд ва инчунин дар чунин ҳолатҳо рад кунад:

- амалиёт ба талаботи қонунгузории молиявӣ ва ё асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат мекунад;
- дар ҳолати доштани маълумот дар бораи иштироки ин шахс дар фаъолияти террористӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом";
- фармоиш дар шакли номуносиб тартиб дода шуда, иттилооти нопурра ва ё нофаҳмо дорад, ҳамчунин ҳангоми аз ҷониби Мизоҷ роҳ додан ба иштибоҳ ҳангоми нишон додани реквизитҳои пардохтӣ;
- дар суратҳисоб маблағи кифоя бо назардошти маблағи пардохти хизматрасонии бонкӣ мавҷуд нест;
- суратҳисоб таҳти ҳабс қарор дорад ва ё амалиётҳо оид ба суратҳисоб бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боздошта шудаанд;
- дар дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои ХКБ пешбинӣ намудаанд.

4.1.4. Яктарафа ба Қоидаҳои ХКБ ва Тарофаи Бонк тағйироту иловаҳо ворид намояд ва оиди ба таври яктарафа тағйир ёфтан (аз он ҷумла, оиди мавриди амал қарор гирифтани чунин тағйиротҳо) на дертар аз 10 (Даҳ) рӯзи тақвимӣ то мавриди амал қарор гирифтани тағйироту иловаҳо маълумот диҳад. Маълумот ба Мизоҷ тариқи аз тарафи Бонк бо тарзу усулҳое, ки дар банди 2.3.-и Қоидаи мазкур зикр шудаанд расонида мешавад.
4.1.5. Бе огоҳонидани иловагии Мизоҷ, бо мақсади таъмин намудани бехатарӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ, назорати видеоӣ ва сабти телефониро дар дохили биноҳои худ ва таҷҳизоти худ амалӣ намояд. Сабти видео ва гуфтугуҳои телефонӣ мумкин аст, ки дар оянда ҳамчун далел истифода гардад;
4.1.6. Бо мақсади ташаккул ва афзудани садоқати Мизоҷ ба хизматрасониҳои дар доираи хизматрасонии комплексии бонкӣ пешниҳодшаванда, аксияву рекламаҳои маркетинги гузаронад, ки дар доираи он пешниҳодҳои махсуси Бонк ба Мизоҷ ирсол мегардад;
4.1.7. Гузаронидани амалиётҳои алоҳида ва ё ҳамаи амалиётҳои бонкиро бо сабаби раванди техникии хизматрасонии бонкӣ (таъмири таҷҳизот, насби барнома, танзими барнома, бартараф намудани камбудиҳои таҷҳизот ва ё барномаи бонкӣ) боздорад;
4.1.8. Эътимоднокии маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Мизоҷ пешниҳодшударо тафтиш намояд;
4.1.9. Дигар ҳуқуқҳое, ки Қоидаҳои мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ намояд.

**4.2. Бонк уҳдадор аст:**

4.2.1. Ба Мизоҷ дар сурати аз ҷониби ӯ пешниҳод кардани тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва бо риояи шартҳои Қоидаҳои мазкур, хизматрасониҳое, ки дар "Номгӯи хизматрасониҳое, ки дар доираи хизматрасонии комплексии бонкӣ пешниҳод мешавад" зикр шудааст, пешниҳод намояд;

4.2.2. Сирри бонкиро махфӣ нигоҳ дорад, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин ифшокунӣ бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст;
4.2.3. Ба суратҳисоби Мизоҷ на дертар аз рӯзи дигари гирифтани ҳуҷҷати пардохт, агар бо қонун ва ё дигар Қоидаҳои байни Бонк ва Мизоҷ муҳлати дигар пешбинӣ нашуда бошад, маблағҳои ба фоидаи ӯ воридшударо дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ гузаронад, ҳамчунин дигар амалиётҳоро тибқи тартиби бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои ХКБ пешбинӣ гардида ба иҷро расонад;
4.2.4. Дигар уҳдадориҳое, ки дар Қоидаҳои ХКБ ва инчунин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, иҷро намояд.

**4.3. Мизоҷ ҳуқуқ дорад:**

4.3.1. Аз Бонк маълумоти заруриро дар доираи иҷрои Қоидаҳои ХКБ талаб намояд;
4.3.2. Амалиётҳои заруриро бо риояи шартҳои Қоидаҳои ХКБ аз рӯи суратҳисоб, аз ҷумла ба воситаи корти бонкӣ дар доираи маблағи боқимонда дар суратҳисоб, бо назардошти меъёри пардохтии корт гузаронад;
4.3.3. Барои кушодан, ихтиёрдории суратҳисоб ва дигар амалиётҳои бонкӣ ба шахси сеюм ваколатнома диҳад;
4.3.4. Ба Бонк бо хоҳиши бекор кардани Қоидаҳои ХКБ муроҷиат намояд;
4.3.5. Дар ҳар кадом вақт бо қурби расмии аз тарафи Бонк муқаррар гардида дар сомонаи расмии Бонк www.eskhata.com ва ё афзораки бонки мобилии “Эсхата Онлайн” шинос шавад;
4.3.6. Дар доираи Қоидаҳои ХКБ ба Бонк ба воситаи зангҳои телефонӣ, почтаи электронӣ ва дигар роҳҳои муайян намудаи Бонк бо дархост оид ба пешниҳоди хизматрасонии бонкии дар Қоидаҳои мазкури ХКБ пешбинӣ шуда ва пешниҳоди иттилоот оид ба амалиётҳо, суратҳисобҳо ва дигар хизматрасониҳои бонкӣ муроҷиат намояд;
4.3.7. Дигар ҳуқуқҳое, ки Қоидаҳои ХКБ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ намояд.

**4.4. Мизоҷ уҳдадор аст:**

4.4.1. Амалиётҳои бо фаъолияти тиҷоратӣ алоқамандро бо суратҳисобҳое, ки дар доираи Қоидаҳои мазкур кушода шудааст, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат додааст, нагузаронад;
4.4.2. Маблағҳои дар суратҳисоб/ҳамёни электронӣ ҷойгир бударо, бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтиёрдорӣ намояд;
4.4.3. Бо ташаббуси худ мустақилона оид ба тағйиру иловаҳои ба Қоидаҳои ХКБ ва Тарофаи Бонк воридшуда, шинос шавад;
4.4.4. Бо талаботи Бонк, ки агенти назорати асъор мебошад, тамоми ҳуҷҷатҳо ва бо мақсади риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” маълумотҳои заруриро оид ба гузаронидани амалиёт бо суратҳисоб тибқи муҳлатҳои муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд
4.4.5. Дар давоми 3 (се) рӯзи корӣ Бонкро оид ба тағйири маълумоту иттилоотҳое, ки барои амалигардонии Қоидаҳои ХКБ заруранд (оид ба ивазу ному насаб, иттилоотҳои ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият, суроғаи маҳалли бақайдгирии зист ва ҷои истиқомат, рақами телефони мобилӣ ва/ё почтаи электронӣ, оиди ба даст овардан ва аз даст додани вазъи андозсупорандаи хориҷӣ ва дигар маълумотҳо, ки қобилияти таъсир расониданро ба иҷрои уҳдадориҳо тибқи Қоидаҳои мазкур дорад) бо пешниҳоди

ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда, Бонкро хабардор намояд, ҳамчунин бо дархости хаттии Бонк маълумотҳои номбуршударо дар мухлати дар дархост муқарраршуда пешниҳод намояд;
4.4.6. Саривақт ҳаққи хизматрасонии Бонкро тибқи Тарофаи амалкунанда пардохт намояд. Пардохти ҳаққи хизматрасонии Бонк метавонад бо роҳи нақдӣ ва ё ғайринақдӣ сурат гирад;
4.4.7. Ҳангоми амалигардонии амалиётҳои бонкӣ бо ғайрирезидентҳо талаботҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк муқарраршударо, ба назар гирад ва риоя намояд;
4.4.8. На кам аз 1 (Як) маротиба дар 1 сол маълумотҳои барои ҳамроҳшавӣ ба Қоидаҳои ХКБ пешниҳодшударо тасдиқ намояд. Мавҷуд набудани тасдиқоти мазкур маънои эътибornокии маълумотҳои ҳангоми ҳамроҳшавӣ ба Қоидаҳои ХКБ пешниҳодшударо дорад;
4.4.9. Дигар уҳдадориҳои бо Қоидаҳои ХКБ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаро бовиҷдонона иҷро намояд.

## 5. МАСЪУЛИЯТИ БОНК ВА МИЗОҶ

5.1. Барои иҷро накардан ё номатлуб иҷро кардани шартҳои Қоидаҳои ХКБ Бонк ва Мизоҷ мутобиқи Қоидаҳои мазкур тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар ҳастанд;
5.2. Бонк барои кори нодурусти ташкилотҳои алоқаи почтавӣ, шабакаи интернет, шабакаи хати алоқаи телефонӣ, алоқаи мобилӣ, ки бо сабабҳои аз Бонк вобаста набуда ба вуҷуд омадаанду боиси саривақт ё тамоман қабул нашудани хабарҳои Бонк аз ҷониби Мизоҷ гардидаанд, масъулият надорад. Бонк барои зарари ба Мизоҷ расонидашуда, бинобар ба вуҷуд омадани ҳолатҳои норасоиҳои техникӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳо, ки ба соҳаи назорати Бонк дохил намешаванду барои иҷро накардани Қоидаҳои ХКБ аз ҷониби Бонк сабаб мегарданд, ҷавобгар намебошад;
5.3. Бонк дар назди Мизоҷ оид ба хабардор накардани Мизоҷ оид ба амалиётҳои хароҷотӣ бо истифодаи низоми пардохти электронӣ ё барои пешниҳод накардани дигар маълумотҳои муҳим барои иҷрои Қоидаҳои ХКБ дар сурати аз ҷониби Мизоҷ нишон додани рақами нодурусти телефони мобилӣ ва ё ғайрикорӣ барои хабардоркунии SMS ва ё суроғаи почтаи электронӣ барои хабардоркунӣ ба воситаи E-mail, ҷавобгар намебошад;
5.4. Зараре, ки ба Бонк аз ҷониби Мизоҷ, бинобар иҷро накардан ё иҷро нодурусти Қоидаҳои ХКБ расонида шудааст, бе ягон шарту эзоҳ ҷуброн карда мешавад;
5.5. Дар сурати дер ё нодуруст ба суратҳисоби Мизоҷ гузаронидан ё аз он хориҷ кардани маблағҳои пулӣ, Бонк бояд барои ҳар рӯзи таъхир ба Мизоҷ аз рӯи маблағи мухлати пардохташ батаъхирафтода мувофиқ ба меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ҷарима диҳад.
5.6. Ҳамаи масоили баҳси ё ихтилофоти назар, ки аз иҷроиши қисмҳои дахлдори Қоидаҳои мазкур бармеоянд бо роҳи гуфтушунид ва музокирот ҳал карда мешаванд;
5.6. Тарафҳо эътироф менамоянд, ки SMS хабардоркунӣ ва каналҳои алоқаи дар доираи Қоидаҳои ХКБ истифодашаванда дар шакли кушода буда, ифшо нашудани иттилоотро пурра кафолат намедиҳад ва Тарафҳо ба кафолати пешбининамудаи қонунгузории ҶТ оид ба маҳрамияти мукотиба такя менамоянд. Бонк барои дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот, ки аз ҷониби операторони алоқаи мобилӣ ва провайдерҳои таъминкунандаи интернет пешниҳод шудааст, масъул намебошад;
5.7. Дар ҳолати имконнопазир будани ҳалли баҳс бо роҳи гуфтушунид ва музокирот,

баҳсҳо тариқи судӣ ба танзим дароварда мешаванд.
5.8. Тартиби ҳалли баҳсҳо бо қисмҳои дахлдори Қоидаҳои пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ дар чаҳорчӯбаи Қоидаҳои ХКБ ба танзим дароварда мешаванд.

## 6. ҲОЛАТҲОИ ҒАЙРИЧАШМДОШТ (ФОРС – МАЖОР)

6.1. Тарафҳо аз ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ва ё иҷрои номувофиқи уҳдадориҳо аз рӯи Қоидаҳои мазкур озод мешаванд, агар он дар натиҷаи яке аз ҳолатҳои ғайричашмдошти зерин ба миён омада бошанд:

- нуқсонҳои телекоммуникатсионии характери фавқуллода дошта;
- сӯхтор, обхезӣ ва дигар ҳолатҳои фавқуллодаи табиӣ;
- бетартибиҳои оммавӣ, низоъҳои ҳарбӣ, намоишҳо, пандемия, амалҳои террористӣ;
- қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии нав ё дилхоҳ тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомотҳои ваколатдори давлатӣ, ки иҷрои уҳдадориҳоро оид ба Қоидаҳои ХКБ душвор ва ё ғайриимкон мегардонад;
- дигар ҳолатҳо ва ҳодисаҳои дилхоҳе, ки иҷрои уҳдадориҳоро оид ба Қоидаҳои ХКБ мушкил ва ё тамоман ғайриимкон мегардонанд.

6.2. Дар мавриди ба вуҷуд омадани ҳолатҳои ғайричашмдошт, Тарафе, ки барои иҷроиши уҳдадориҳо имконнопазир мегардад, бояд на дертар аз 3 (Се) рӯзи корӣ оиди ин ҳолатҳо дар шакли хаттӣ Тарафи дигарро хабардор кунад. Огоҳинома бояд маълумотҳоро оиди хусусияти воқеа, ки аз тарафи мақомоти давлатии салоҳиятнок тасдиқ карда мешавад бо баҳогузории таъсири он барои имконияти иҷрои уҳдадории Тараф аз рӯи Қоидаҳои мазкур ва муҳлати иҷрои уҳдадориро дар бар гирад;
6.3. Аз рӯи ҳолатҳои ғайричашмдошт уҳдадории Тарафҳо бо огоҳ намудани ҳамдигар боздошта мешаванд ва баъди бартараф гардидани ин ҳолатҳо аз нав Тарафҳо уҳдадории худро аз рӯи Қоидаҳои мазкур барқарор менамоянд;

## 7. МУҲЛАТИ АМАЛИ ҚОИДАҲО ВА ТАРТИБИ ТАҒЙИР ВА БЕКОРКУНИИ ОН

7.1. Мизоҷ ба Қоидаҳои ХКБ аз лаҳзаи аз ҷониби Бонк аксепт (қабул) намудани Ариза-дархости Мизоҷ ҳамроҳшуда ба ҳисоб меравад ва муҳлати он бемаҳдуд аст;
7.2. Бо риояи банди 4.1.4. Қоидаҳои мазкур Бонк яктарафа ба Қоидаҳои ХКБ ва Тарофаи Бонк тағйироту иловаҳо ворид карда метавонад;
7.3. Тағйирёбии нархи хизматрасонҳое, ки дар доираи хизматрасонии комплексии бонкӣ ба самти пастшавӣ пешниҳод мешавад, аз ҷумла ворид намудани хизматрасониҳои иловагӣ огоҳии пешакии Мизоҷро талаб намекунад;
7.4. Рӯзи шиносоии Мизоҷ бо таҳрири нави Қоидаҳои ХКБ ва/ё Тарофаи хизматрасонӣ ин рӯзи ҷойгиркунии матни Қоидаҳои ХКБ ва/ё Тарофа дар таҳрири нав дар сомонаи иттилоотии Бонк ба ҳисоб меравад;
7.5. Мизоҷро огоҳ намудани Бонк ягон хел далели аз ҷониби Мизоҷ қабул намудани огоҳиро талаб намекунад. Мизоҷ ҳуқуқ надорад, ки ба надонистани иттилоот оид ба тағйиру иловаҳо ба Қоидаҳои ХКБ ва/ё Тарофаҳои хизматрасонӣ дар ҳолати иҷро накардан ё иҷрои номуносиби уҳдадориҳо оид ба Қоидаҳои ХКБ, ишора намояд.
7.6. Дар ҳолати норозӣ будани Мизоҷ бо тағйиру иловаҳои ворид мегардида, Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ки ҳамроҳшавии худро ба Қоидаҳои ХКБ яктарафа, бо қаблан се рӯз пеш аз ба қувваи амал даромадани тағйиру иловаҳо ба Қоидаҳои ХКБ равон кардани огоҳӣ ба Бонк бекор намояд. Дар ҳолате, ки Мизоҷ дар муҳлати муқарраршуда оид ба бекор кардани

ҳамрохшавии худ ба Қоидаҳои ХКБ арз накардааст, пас тағйиру иловаҳо ба Қоидаҳои ХКБ аз ҷониби Мизоҷ қабул шуда эътироф мегардад ва ӯ уҳдадор аст, ки минбаъд онро риоя намояд.
7.7. Ҳамрохшавӣ ба Қоидаҳои мазкур метавонад бо ташаббуси яке аз Тарафҳо мувофиқи қонунгузории амалкунанда бо шарти ба таври пурра аз ҷониби Тарафҳо иҷро шудани уҳдадории худ аз руи Қоидаҳои мазкур бекор карда шавад.
7.8. Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ки яктарафа ҳамроҳшавии худро ба Қоидаҳои ХКБ бо пешаки на дертар аз се рӯзи корӣ ба таври хаттӣ огоҳ намудани Бонк бекор намояд. Бекор кардани ҳамроҳшавии Мизоҷ ба Қоидаҳои ХКБ ва маҳкам кардани суратҳисобҳои бонкӣ маънои онро надорад, ки уҳдадориҳои нотамоми Мизоҷ низ дар назди Бонк қатъ мегардад.
7.9. Ҳангоми дар вақти бекор кардани ҳамроҳшавӣ ба Қоидаҳои мазкур мавҷуд будани амалиётҳои нотамоми баҳснок, Бонк ҳуқуқ дорад баргардонидани маблағи баҳснокро ба муҳлати зарурӣ то қабул кардани қарори ниҳоӣ, мавқуф гузорад.
7.10. Бо ташаббуси Бонк ҳамроҳшавии Мизоҷ ба Қоидаҳои ХКБ бо пешакӣ огоҳ намудани Мизоҷ ба таври хаттӣ (ё бо роҳи бевосита дастрас намудани огоҳи ба Мизоҷ ва ё бо дастрас намудани огоҳи тариқи электронӣ) бекор карда мешавад. Ҳамроҳшавии Мизоҷ ба Қоидаҳои ХКБ бо гузаштани ду моҳ аз лаҳзаи дастрас намудани огоҳӣ оиди бекор кардани ҳамроҳшавӣ баҚоидаҳои ХКБ бекор гардида ҳисоб меёбад. Агар дар давоми муҳлати зикршуда Мизоҷ ба Бонк оиди бозпас гирифтани воситаҳои пулӣ муроҷиат нанамояд ва ё онҳоро ба дигар суратҳисоб нагузаронад, дар ин сурат Бонк воситаҳои пулии дар суратҳисоб бударо бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суратҳисоби махсуси Бонки миллии Тоҷикистон интиқол медиҳад.
7.11. Бекоркунии ҳамрохшавии Мизоҷ ба Қоидаҳои ХКБ маънои қатъи пешниҳоди ҳамаи хизматрасониҳо дар доираи Қоидаҳои ХКБ-ро дорад ва барои маҳкам намудани ҳамаи суратҳисобҳо ва беэътибор дониста шудани корт асос мегардад.

## 8. Шартҳои дигар

8.1. Ҳамаи дигар масъалаҳое, ки бо Қоидаҳои ХКБ ба танзим даровадра нашудаанд, Тарафҳо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ мегиранд ва тибқи нишондодҳои он амал мекунанд.
8.2. Ҳамаи шартҳо, талаботҳо, қоидаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои замимашаванда, қисми ҷудонашавандаи Қоидаҳои ХКБ мебошанд.

*Замимаи №1*
***ба Қоидаҳои хизматрасонии комплексии бонкӣ***
***барои шахсони воқеӣ дар ҶСК "Бонки Эсхата"***

**Созишнома**
**оиди анҷом додани интиқоли воситаҳои пулӣ бо истифода аз**
**хизматрасонии "Эсхата Онлайн"**

## 1. Муқаррароти умумӣ

Ҳуҷҷати мазкур - Созишнома оиди анҷом додани интиқоли маблағҳои пулӣ ва дигар хизматрасониҳо бо истифода аз хизматрасонии "Эсхата Онлайн" (минбаъд — Созишнома), шартҳои анҷом додани интиқоли маблағҳои пулӣ ва дигар хизматрасониҳоро бе/бо кушодани суратҳисоби бонкӣ ва истифодаи воситаҳои электронии пардохт ҳангоми истифодаи хизматрасонии "Эсхата Онлайн" ва мутобиқи қисми 2-и моддаи 469 -и Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди расмии офертаи оммавии хаттии ҶСК "Бонки Эсхата", минбаъд Бонк, мебошад, ки ба шахсони воқеӣ бораи додани имконияти истифодаи хизматрасонии "Эсхата Онлайн" тибқи шартҳои Созишнома равона карда шудааст, муайян мекунад.
Ҳангоми якҷоя номбар кардан дар матни Созишнома, Бонк ва Мизоҷ Тарафҳо ва ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ — Тараф номида мешаванд.
Ҳар як Тараф ба Тарафи дигар кафолат медиҳад, ки дорои ҳуқуқ ва қобилияти фаъолият, инчунин, дорои тамоми ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зарурӣ ва кофӣ барои бастан ва иҷрои Созишнома тибқи шартҳои он мебошад.
Таҳрири амалкунандаи Созишнома ҳамеша дар Сомонаи Бонк ҷойгир аст ва ҳатман ба Мизоҷ то лаҳзаи қабули шартҳои Созишнома барои шиносоӣ пешниҳод карда мешавад.

## 2. Истилоҳҳо ва шарҳҳои дар Созишнома татбиқшаванда

**2.1.** Барои мақсадҳои Созишнома истилоҳҳои дар зер овардашуда бо маънои зерин истифода мешаванд:
**Маълумотҳои авторизатсионӣ** — маълумотҳое, ки барои гузаронидани аутентификатсияи (муайянкунии шахсият) Мизоҷ имконият медиҳанд. Маълумотҳои авторизатсионӣ ин рақами телефони мобилӣ ба он Ҳамён пайваст ва рамзи дастрасӣ мебошанд, инчунин, метавонанд логинҳо (асосӣ, ва ҳангоми мавҷудият, иловагӣ) ва рамзҳои Мизоҷон бошанд. Бонк ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ аз Мизоҷ истифода бурдани маълумотҳои авторизатсионии иловагиро талаб намояд (рамзи пардохтӣ ё ҳама гуна роҳҳои авторизатсияи пурзӯркардашуда).
**Агенти Бонк** — агенти пардохтии бонк, ки аз ҷониби Бонк барои иҷрои амалҳои зерин ҷалб карда шудааст:
— аз Мизоҷ қабул кардани маблағҳои пулии нақд ва (ё) ба Мизоҷ додани пули нақд, инчунин-бо истифодаи терминалҳои пардохтӣ ва банкоматҳо;
— ба Мизоҷон пешниҳод намудани воситаҳои пардохти электронӣ ва таъмин намудани имконияти истифода бурдани онҳо, мутобиқи шартҳои аз ҷониби Бонк муқаррарнамуда;
— гузаронидани мушаххаскунии мизоҷ бо мақсади интиқоли маблағҳои пулӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом.
**Аутентификатсия (муайянкунии шахсият)** — тасдиқи ҳуқуқи Мизоҷ барои истифодаи Ҳамён бо тартиби пешбининамудаи Созишномаи мазкур. Ин амал барои анҷом додани амалиёт бо истифода аз Ҳамён тибқи барнома Бонкӣ дар асоси маълумотҳои авторизатсионии аз ҷониби Мизоҷ воридшаванда амалӣ мегардад.
**Муҳосиракунии Ҳамён** — манъ кардани интиқоли маблағҳои пулӣ бо истифода аз Ҳамён бо хоҳиши Мизоҷ ва дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Созишнома, инчунин, манъи зиёд кардани бақияи маблағҳои электронӣ.
**Баргардонидани бақияи маблағҳои электронӣ** — амалиёт оид ба кам кардани бақияи маблағҳои электронии Мизоҷ бо интиқоли минбаъдаи маблағҳои пулии муайян ба суратҳисоби бонкӣ ё додани пули нақд.
**Суратҳисоби виртуалӣ** — сабти баҳисобгирӣ дар базаи маълумотҳои Бонк, ки дорои маълумот оиди бақияи маблағҳои электронӣ мебошад, ки барои Ҳамёни муайян дар лаҳзаи ҷорӣ ба назар гирифта шудаанд. Истилоҳи мазкур ба истилоҳҳои "суратҳисоб" ва "тавозун", ки барои муошират бо Мизоҷ истифода бурда мешавад, баробараҳамият мебошад. Ҳангоми бастани Созишнома, ба Мизоҷ суратҳисоби виртуалӣ кушода мешавад, ки дар он маблағҳои электронӣ ба ҳисоб гирифта шуда, бо пули миллӣ (минбаъд – "суратҳисоби виртуалӣ бо пули сомонии ҶТ») ҳисоб карда шудаанд.
**Мушаххаскунӣ** — расмиёти махсуси пешниҳод намудани маълумотҳо аз ҷониби Мизоҷ ба Бонк, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм муқаррар карда шудаанд. Аз рӯи натиҷаи

гузаштани расмиёти мушаххаскунӣ, ба Мизоҷ вазъи мушаххасшуда дода мешавад. Мизоҷе, ки расмиёти мушаххаскуниро нагузаштааст, вазъи Мизоҷи мушаххаснашударо дорост.
**Мизоҷ**— шахси воқеие, ки Созишномаро мутобиқи шартҳои он қабул кардааст.
**Ҳамён** — воситаи электронии пардохт, ки барои аз ҷониби Мизоҷ амалӣ намудани интиқол бе кушодани суратҳисоби бонкӣ, аз ҷумла, ҳисоббаробаркунӣ бо маблағҳои электронӣ пешбинӣ шудааст. Барнома барои ҳисобмошинҳои электронӣ мебошад, ки интерфейси он дар дар сомонаи Бонк ҷойгир карда шудааст ва/ё дастрас аст ва тавассути барнома барои аз назар гузаронидани интернет-сомонаҳо (браузер), ё барномаи махсус (агар дастрасӣ ба Ҳамён бо истифода аз дастгоҳҳои мобилӣ амалӣ карда шавад) инъикос мегардад. Ба ҳар як Ҳамён ҳангоми таъсиси он, рақами ягона дода мешавад, ки бо рақами телефони мобилии Мизоҷ мувофиқат мекунад ва дар интерфейси Ҳамён инъикос мегардад.
**Бонк** — Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Бонки Эсхата», ки дар суроғаи: ш.Хуҷанд, кӯчаи Гагарин 135 ҷойгир аст ва барои амалӣ намудани фаъолияти бонкӣ дорои иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон мебошад.
**Даст кашидан аз иҷроиши амалиёт** — даст кашидан аз иҷрои супориши Мизоҷ барои интиқоли маблағҳои электронӣ, барои баргардонидани бақияи маблағ ё рад кардан барои қабули маблағҳои электронӣ ба Ҳамёни Мизоҷ.
**Қатъи истифодаи Ҳамён** — манъи гузаронидани ҳама гуна амалиёт бо истифодаи Ҳамён.
**Боздоштани амалиёт**— боздоштани иҷрои супориши Мизоҷ барои интиқоли маблағҳои электронӣ, барои баргардонидани бақияи маблағҳои электронӣ ё боздошти қабули маблағҳои электронӣ ба Ҳамёни Мизоҷ.
**Сомонаи Бонк** — сомонае, ки дар шабакаи Интернет бо суроғаи: http://eskhata.com ҷойгир карда шудааст, ки дар он интерфейси воситаи электронии пардохти Мизоҷ ҷойгир ва ё дастрас аст, инчунин, маълумот дар бораи Бонк ва хизматрасонии Эсхата Онлайн ҷойгир карда шудааст.
**Хизматрасонии Эсхата Онлайн** — маҷмӯи хизматрасониҳое, ки аз ҷониби Бонк ба Мизоҷон вобаста ба интиқоли маблағҳои пулӣ бе/бо кушодани суратҳисоби бонкӣ ва пешниҳоди воситаҳои электронии пардохт пешниҳод карда мешавад, ки тавсиф ё маълумоти дигар дар бораи онҳо дар Сомонаи Бонк ҷойгир карда шудааст.
**Маркази хизматрасонӣ** — воҳиди Бонк, ки бо Мизоҷ вобаста ба муроҷиати ӯ (тавассути алоқаи телефонӣ, робитаи интернет-хизматрасонӣ (мессенҷерҳо) ё почтаи электронӣ бо иштироки оператор-корманди Бонк) ҳамкорӣ менамояд, аз ҷумла, бо муроҷиати Мизоҷ Ҳамёнро муҳосира мекунад.
**Тарофаҳо**— номгӯи намудҳо ва ҳаҷми мукофотпулии Бонк барои анҷом додани интиқоли маблағҳои электронӣ, интиқоли онҳо бе/бо кушодани суратҳисоби бонкӣ, истифодаи хизматрасонии Эсхата Онлайн, аз ҷумла, ҳангоми пайвасткунии хизматрасониҳои иловагӣ.
**Маҳрумшавӣ аз дастрасӣ** — маҳрумшавӣ дар натиҷаи ҳама гуна сабабҳои имконияти дастрасӣ ба Ҳамён (аз ҷумла, додани маълумотҳои авторизатсионӣ ба шахсони сеюм, ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумотҳои авторизатсионӣ аз ҷониби шахсони сеюм).
**Маблағҳои электронӣ** (маблағҳои пулии электронӣ) — маблағҳои пулие, ки пешакӣ аз ҷониби Мизоҷ ба Бонк барои иҷрои уҳдадориҳои Мизоҷ дар назди шахсони сеюм пешниҳод шудаанд, ки нисбат ба онҳо Мизоҷ танҳо бо истифода аз хизматрасонии Эсхата Онлайн ихтиёрдорӣ менамояд.
Дар Созишномаи мазкур метавонанд истилоҳҳое истифода шаванд, ки дар фасли 2-и Созишномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд. Дар ин ҳолат тафсири чунин истилоҳ мутобиқи матни Созишномаи мазкур иҷро карда мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани тафсири ҳаммаънои истилоҳ дар матни Созишномаи мазкур, бояд мувофиқи тафсири муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал кард.

### 3. Мавзӯи Созишнома

3.1 Созишномаи мазкур шартҳо ва тартиби пешниҳоди хизматрасониро аз ҷониби Бонк ба Мизоҷ муайян мекунад:
3.1.1. пешниҳоди воситаи электронии пардохт ба Мизоҷ;
3.1.2. қабули маблағҳои пулии воридшаванда;
3.1.3. гузаронидани маблағҳои электронӣ;
3.1.4. иҷрои дархостҳои Мизоҷ оиди гузаронидани маблағҳои электронӣ;
3.1.5. баргардонидани бақияи маблағҳои электронӣ;
3.1.6. гузаронидани амалиётҳои дигар бо истифода аз Хизматрасонии «Эсхата Онлайн»:
3.1.6.1. имконияти дидани ҳолати суратҳисобҳо/кортҳои бонкии худ, ки дар Бонк кушода шудаанд;
3.1.6.2. гузаронидани амалиётҳои бонкӣ аз рӯи суратҳисобҳои бонкӣ, инчунин, пурра кардани кортҳои пардохтии бонкӣ;
3.1.6.3. пардохти хизматрасониҳои гуногун;
3.1.6.4. огоҳ будан оиди ҳолат ва гардиши воситаҳои пулӣ дар суратҳисобҳои худ, инчунин, ба даст овардани иқтибос аз суратҳисоб дар ҳама гуна давраи дилхоҳ;
3.1.6.5. интиқоли маблағҳои пулӣ байни суратҳисобҳои худ, инчунин пурра кардани суратҳисоб мутобиқи шартҳои шартномаи суратҳисоб;
3.1.6.6. интиқоли маблағҳои пулӣ тавассути интиқоли дохилӣ;

3.1.6.7. интиқоли маблағҳои пулӣ ба суратҳисобҳои бонкии шахсони сеюм, ки дорои суратҳисоби бонкӣ дар бонк ё дигар ташкилотҳои қарзӣ мебошанд;
3.1.6.8. мубодилаи асъор ҳангоми интиқол байни суратҳисобҳо/кортҳои бонкии дар бонк кушодашаванда, аз рӯи қурби хариду фурӯши асъор, ки аз ҷониби Бонк дар рӯзи анҷом додани амалиёт муқаррар карда шудааст;
3.1.6.9. гирифтани маълумот ва дигар паём;
3.1.7. Рӯйхати амалиётҳои номбаршуда ниҳоӣ нест ва шояд баробари рушди хизматрасонӣ илова карда шавад.
3.2. Хизматрасонии Мизоҷ аз ҷониби Бонк 24 соат ва 7 рӯз дар як ҳафта амалӣ карда мешавад. Амалҳо ҳангоми иҷрои Созишномаи мазкур, ки дар реҷаи ғайриавтоматӣ иҷро карда мешаванд, аз тарафи Бонк дар рӯзҳои корӣ, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин мебошанд, амалӣ карда мешавад.
3.3. Интиқолҳо бо истифодаи Хизматрасонии "Эсхата Онлайн" бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ амалӣ карда мешаванд. Интиқоли маблағҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ аз ҷониби Бонк тибқи талаботи қонунгузории асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои мақомоти танзими асъор ва назорати асъор амалӣ карда мешаванд.
3.4. Қисмҳои ҷудонашавандаи Созишномаи мазкур, шартҳои пешниҳоди хизматрасониҳои иловагӣ ва хизматрасониҳои бонкии аз ҷониби Мизоҷ пайвастнамуда (дар давоми тамоми муҳлат истифода бурдани хизматрасониҳои иловагӣ аз ҷониби Мизоҷ), инчунин, Тарофаҳо мебошанд.

**4. Пешниҳоди Ҳамён ва тартиби истифодаи он**

4.1. Бонк вобаста ба гузаштан ё нагузаштани расмиёти мушаххаскунӣ аз ҷониби Мизоҷ, ба ӯ имконияти истифодабарии зеринро пешниҳод менамояд:
— ҳамёнҳои мушаххаскарданашуда (Мизоҷ расмиёти мушаххаскуниро нагузаштааст),
— ҳамёнҳои мушаххаскардашуда (Мизоҷ расмиёти мушаххаскуниро гузаштааст),
4.2. Лаҳзаи пешниҳоди Ҳамён ба Мизоҷ ин лаҳзаи аз ҷониби Мизоҷ иҷро кардани амалҳои конклюдентии дар фасли 11-и Созишномаи мазкур пешбинишуда мебошад, ки барои бастани Созишномаи мазкур зарур мебошад.
4.3. Лаҳзаи ба амал омадани ҳолати мушаххаскардашуда дар Ҳамёни мушаххаскарданашуда, лаҳзаи аз ҷониби Мизоҷ тасдиқ намудани дурустии маълумотҳои мушаххаскардашуда бо истифода аз Ҳамён мебошад, ки қаблан аз ҷониби Мизоҷ ба Бонк бо яке аз роҳҳои пешбининамудаи банди 9.2. - Созишномаи мазкур пешниҳод карда шудааст.
4.4. Дастрасӣ ба Ҳамён ва анҷом додани ҳама гуна амалиёт бо истифода аз Ҳамён танҳо баъд аз аутентификатсияи (муайн намудани шахсият)-и Мизоҷ имконпазир аст.
4.5. Аутентификатсияи Мизоҷ ҳангоми дастрасӣ ба Ҳамён тавассути таъминоти барномавии Бонк бо истифода аз маълумотҳои авторизатсионии Мизоҷ амалӣ карда мешавад.
4.6. Маълумотҳои авторизатсионии Мизоҷ (логин (ҳо) ва рамз (ҳо) аз ҷониби Мизоҷ мустақилона тартиб дода мешаванд. Рамз ва рамзи пардохт метавонанд дар ҳар лаҳза ва дар шумораи номаҳдуд иваз карда шаванд.
4.7. Истифодаи маълумотҳои авторизатсионии дигар, ғайр аз логин (ҳо) ва рамз (ҳо), ҳамчунин тағйир додани чунин маълумот иҷозат дода намешавад:
4.7.1. Дар ҳолати амалӣ намудани дастрасӣ ба Ҳамён аз ҷониби Мизоҷ бо истифодаи барномаи мобилии Бонк.
Дар ин ҳолат, Мизоҷ, ки чунин барномаи мобилиро истифода мебарад ва дар он бо тартиби умумӣ муайянкунии шахсиятро (аутентификатсияро) иҷро мекунад, мустақилона рамзи дастрасии шакли аз ҷониби Бонк муқарраршударо тартиб медиҳад. Ворид намудани рамзи дастрасӣ ё дигар мушаххаскунандаи аз ҷониби Мизоҷ муқарраргардида (нақши ангуштон, шинохтани симо ва ғайра) ягона роҳи аутентификатсияи Мизоҷ барои дастрасӣ ба Ҳамён мегардад. Рамзи дастрасии пешбининамудаи сархати мазкур, метавонад ба миқдори номаҳдуд, аз ҷумла, дар ҳолати гум кардан, бо роҳи пешбининамудаи сархати мазкур метавонад тағйир дода шавад;
4.7.2. Дар ҳолати фиристодани СМС-паёмҳо аз ҷониби Мизоҷ, ки дорои рамзи тасдиқ барои воридшавӣ мебошад. Дар ин ҳолат, Бонк ба Мизоҷ ба рақаме, ки ба телефон пайваст мебошад, СМС-паём мефиристад, ки дорои рамзи тасдиқи воридшавӣ мебошад.
4.8. Тағйир додани рамз(ҳо) танҳо ба шарти дуруст ворид намудани рамзи (ҳо) амалкунанда иҷозат дода мешавад.
4.9. Мизоҷ барои ба пуррагӣ махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳои худ ҷавобгар мебошад. Ҳар гуна амалҳо бо Ҳамён, ки бо истифода аз амалҳои дурусти авторизатсионӣ иҷро шудаанд, аз ҷониби Мизоҷ иҷрошуда эътироф мешаванд, ба истиснои он, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд.
4.10. Дар сурати гум кардани дастрасӣ, Бонк ба Мизоҷ имконияти барқарор намудани дастрасӣ ба Ҳамёнро пешниҳод мекунад, аз ҷумла, бо роҳҳои зерин:

4.10.1. Бо роҳи пешниҳоди аризаи дахлдор аз рӯи шакли аз ҷониби Бонк муқарраршуда аз ҷониби Мизоҷи мушаххаскардашуда ба яке аз филиалҳои Бонк, ки суроғаи онҳо дар сомонаи расмии www.eskhata.com дар фасли филиалҳо ва МХБ нишон дода шудааст (шахси аз ҷониби Бонк ваколатдоршуда) бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият;
4.10.2. Бо роҳи аз ҷониби Мизоҷи мушаххаскарданашуда пешниҳод намудани аризаи дахлдор аз рӯи шакли муқаррарнамудаи Бонк ба ягон филиали Бонк, ки суроғаи онҳо дар сомонаи расмии www.eskhata.com дар фасли филиалҳо ва МХБ нишон дода шудааст (шахси аз ҷониби Бонк ваколатдоршуда) бо пешниҳоди якҷояи ҳуҷҷатҳое, ки барои мушаххаскунии Мизоҷ заруранд, инчунин, пешниҳоди далелҳои соҳибӣ ва истифода намудани Ҳамён, ки дастрасӣ ба онро тасдиқ менамояд (масалан, бо роҳи пешниҳод намудани номгӯи амалиётҳои охирон бо истифода аз Ҳамён барқарор карда мешавад). Ҳангоми кофӣ будани далелҳои зикршуда дастрасӣ ба Ҳамён бо салоҳдиди истиснои Бонк муайян карда мешавад;
4.10.3. Ба таври дигар, тибқи қонунгузории ҶТ.
4.11. Бонк ҳуқуқ дорад барои муқаррар кардани дастрасӣ ба Ҳамён вобаста аз намуди Ҳамёни истифодашаванда ва хизматрасониҳои иловагӣ, ки ба Мизоҷ бо розигии Тарафҳо пешниҳод мешавад, талабот муқаррар намояд;
4.12. Бонк ҳуқуқ дорад, ки ба Мизоҷ дар барқарор намудани дастрасӣ ба Ҳамён рад кунад агар:
4.12.1. Аз ҷониби Мизоҷ маълумотҳо барои барқарор намудани дастрасӣ ба Ҳамён фарқкунанда назар ба маълумотҳои дар Бонк буда пешниҳод шавад;
4.12.2. Аз рӯи натиҷаҳои баррасии муроҷиати Мизоҷ, мансубияти Ҳамёни мазкур ба ӯ тасдиқ карда мешавад;
4.13. Бонк ҳуқуқ дорад Ҳамёни Мизоҷро муҳосира кунад:
— бо ташаббуси Мизоҷ,
— бо ташаббуси худ.
4.14. Бо ташаббуси Мизоҷ, муҳосираи Ҳамёни Мизоҷ ҳамавақт метавонад дар асоси огоҳиномаи аз ҷониби Мизоҷ гирифташуда, ки ба Бонк бо яке аз роҳҳои зерин ирсол карда шудааст, амалӣ карда шавад:
4.14.1. Бо роҳи муроҷиати шахсӣ ба ягон филиали Бонк, ки суроғаи онҳо дар сомонаи расмии www.eskhata.com дар фасли филиалҳо ва МХБ нишон дода шудааст бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият;
4.14.2. Бо роҳи муроҷиат ба Хадамоти дастгирии Бонк бо истифода аз алоқаи телефонӣ;
4.14.3. Бо роҳи муроҷиат ба Хадамоти дастгирии Бонк бо ирсоли огоҳинома ба воситаи почтаи электронӣ;
4.14.4. Тавассути усули дигари пешбининамудаи Бонк.
4.15. Огоҳиномаи дар банди 4.14.1 зикршуда бояд дорои маълумотҳои зерин бошад:
— рақами Ҳамён;
— Ному насаби Мизоҷ (барои Ҳамёнҳои мушаххаскардашуда-тасдиқшуда);
— Логин;
— дигар маълумотҳои мушаххаскунандаи мизоҷ.
4.16. Бо ташаббуси Бонк муҳосира намудани Ҳамён дар ҳолатҳои зерин метавонад амалӣ карда шавад:
4.16.1. дар сурати аз ҷониби Бонк мавҷуд будани шубҳаҳо оиди вайрон кардани тартиби истифодаи Ҳамён аз ҷониби Мизоҷ дар қисми пешбининамудаи банди 4.18. Созишномаи мазкур;
4.16.2. дар ҳолати зарурӣ аз ҷониби Бонк таъмин намудани ҳифзи бақияи маблағи электронии Мизоҷ, ки дастрасӣ ба онҳо бо истифода аз Ҳамён амалӣ карда мешавад, ки нисбат ба он Бонк оиди истифодаи беиҷозат шубҳа пайдо кардааст;
4.16.3. дар сурати мавҷуд будани схемаи мураккаби ғайристандартӣ ё ғайриоддии гузаронидани амалиётҳо, ки аз тартиботи муқаррарии амалиётҳои барои Мизоҷони Бонк хос фарқ мекунанд;
4.16.4. дар сурати аз ҷониби Бонк иҷро намудани талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;
4.16.4.1. дар сурати талаб намудани Бонк аз Мизоҷ оиди гузаштани мушаххаскунӣ оиди ягон асосҳои пешбининамудаи бандҳои 9.1.4.1., 9.1.4.3.-и Созишномаи мазкур;
4.16.5. дар ҳолати анҷом додани амалиётҳо ба маблағи бештар аз ҳаҷми бақияи маблағи электронӣ, ҳангоми хатогии техникии Бонк ё дар натиҷаи истифодаи он барои баргардонидани бақияи маблағҳои пулии кортҳои пардохтии бо низомҳои пардохт баровардашуда имконпазир шудаанд, агар ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ маблағи дар паём оиди клиринги пардохтӣ мавҷудбуда, аз меъёри пардохтии корт зиёд мебошад;
4.16.6. дар сурати ворид намудани маблағҳои пулӣ ба Ҳамён, ки дар натиҷаи дастрасии иҷозатдоданашуда ба Ҳамёни пардохткунанда фиристода шудаанд. Дар ин ҳолат фарқ надорад, ки оё Ҳамёни муҳосирашаванда дар лаҳзаи муҳосира гирандаи ниҳоии маблағи пулӣ мебошад ё бо транзит истифода шудааст;

4.16.7. дар сурати аз ҷониби дорандаи корт мубоҳиса намудани амалиёти пешниҳоди маблағҳои пулии Бонк барои пурра кардани бақияи маблағҳои электронӣ бо истифода аз корти бонкӣ;
4.16.8. дар ҳолати мавҷуд будани қарзи Мизоҷ ба Бонк аз рӯи ҳама гуна уҳдадорӣ.
4.17. Муҳосираи Ҳамён боиси аз ҷониби Бонк қатъ намудани ҳамаи амалиётҳо мебошад, ки боиси кам шудани бақияи маблағҳои электронӣ бо фармоиши Мизоҷ мешавад. Амалиётҳое, ки боиси афзоиши бақияи маблағҳои электронӣ мешаванд, инчунин, метавонанд ҳангоми муҳосираи Ҳамён бо ташаббуси Бонк қатъ карда шаванд.
Дар сурати муҳосираи Ҳамён бо ташаббуси Бонк, муҳлатҳои зерини муҳосира вобаста аз асосҳои муҳосира муқаррар карда шудаанд:
4.17.1. то лаҳзаи аз ҷониби Мизоҷ пурра бартараф намудани камбудиҳои роҳдодаи тартиби истифодаи Ҳамён дар қисми пешбининамудаи банди 4.18-и Созишномаи мазкур, ё тасдиқи набудани чунин вайронкунӣ дар фаъолияти Мизоҷ — дар ҳолатҳои пешбининамудаи зербанди 4.16.1. -и Созишномаи мазкур;
4.17.2. то лаҳзаи пурра боварӣ пайдо намудани Бонк дар мавҷуд набудани дастрасии беиҷозат ба Ҳамёни Мизоҷ— дар ҳолатҳои пешбининамудаи зербанди 4.16.2.-и Созишномаи мазкур;
4.17.3. то лаҳзаи аз ҷониби Бонк баррасӣ намудани тавзеҳот ва ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Мизоҷ пешбининамуда дар амалиёти анҷомдодашаванда, ки аз ҷониби Бонк талаб карда шудааст, агар аз рӯи натиҷаҳои чунин баррасӣ, аз ҷониби Бонк қарор дар бораи радди яктарафаи иҷроиши Созишнома қабул нашудааст — дар ҳолатҳои пешбининамудаи зербанди 4.16.3.-и Созишномаи мазкур;
4.17.4. тибқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом — дар ҳолатҳои пешбининамудаи зербанди 4.16.4.-и Созишномаи мазкур;
4.17.4.1. то гузаштани мушаххаскунӣ аз ҷониби Мизоҷ– дар ҳолатҳои пешбининамудаи зербанди 4.16.4.1.-и Созишномаи мазкур;
4.17.5. то лаҳзаи пардохти қарзи Мизоҷ дар назди Бонк – дар ҳолатҳои пешбининамудаи зербанди 4.16.5. -и Созишномаи мазкур;
4.17.6. то лаҳзаи қабули қарор аз ҷониби Бонк аз рӯи натиҷаҳои далелҳои ошкоршудаи дастрасии беиҷозат, вале на бештар аз 3 (се) моҳ аз санаи муҳосираи Ҳамён — дар ҳолатҳои пешбининамудаи зербанди 4.16.6. -и Созишномаи мазкур;
4.17.8. 180 (яксаду ҳаштод) рӯз аз санаи муҳосираи Ҳамён, дар ҳолатҳои пешбининамудаи зербанди 4.16.7. -и Созишномаи мазкур;
4.17.9. то гирифтани маълумот аз ҷониби Бонк оиди ҳама гуна асоси истеҳсолот оиди парвандаи муфлисӣ нисбат ба Мизоҷ – дар ҳолатҳои пешбининамудаи зербанди 4.16.8. -и Созишномаи мазкур.
**4.18. Тартиби истифодаи Ҳамён:**
4.18.1. Мизоҷ вазифадор аст, ки ҳангоми истифодаи Ҳамён қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии Бонк ва шахсони сеюмро риоя намояд;
4.18.2. Мизоҷ уҳдадор аст, ки Ҳамёнро танҳо шахсан истифода барад. Мизоҷ ҳуқуқ надорад, ки маълумотҳои авторизатсионии худро ба шахсони сеюм гуяд ва ё ба таври дигар таҳвил кунад;
4.18.3. Мизоҷ уҳдадор аст, ки нигоҳдории маълумотҳои авторизатсиониро ба тавре, ки имконияти аз ҷониби шахсони сеюм гирифтани дастрасӣ ба онҳоро истисно мекунад, таъмин намояд
4.18.4. Мизоҷ вазифадор аст, ки пеш аз ворид намудани рамз боварӣ ҳосил намояд, ки аз пушти ӯ назорат нашуда истодааст, инчунин, бо истифодаи воситаҳои техникӣ;
4.18.5. Мизоҷ вазифадор аст, ки пеш аз ворид намудани рамз боварӣ ҳосил кунад, ки:
а) пайвастшавӣ бо сомонаи Бонк тибқи протоколи https муқаррар карда шудааст;
б) дар сатри URL -и браузери истифодашаванда дар ҳақиқат URL -и Сомонаи Бонк зикр гардидааст;
в) сертификати SSL-пайвастшавӣ санҷишро гузашт ва ба Сомона мувофиқ мебошад;
4.18.6. Мизоҷ уҳдадор аст, ки компутерҳои бегона ва дигар дастгоҳҳоро барои дастрасӣ ба Ҳамён истифода набарад;
4.18.7. Мизоҷ уҳдадор аст, ки бехатарии антивирусии дастгоҳро, ки барои дастрасӣ ба Ҳамён истифода мешавад, истифода барад;
4.18.8. Мизоҷ ҳуқуқ надорад, ки Ҳамёнро барои амалӣ намудани амалҳои ғайриқонунӣ истифода барад;
4.18.9. Мизоҷ ҳуқуқ надорад, ки барномаҳоеро истифода барад ва ё дигар чораҳоеро андешад, ки ба Мизоҷ барои аз Бонк пинҳон намудани хусусиятҳои техникии пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет барои истифодаи Ҳамён имконият медиҳад;
4.18.10. Мизоҷ барои анҷом додани амалҳое, ки мақсади он вайрон кардани кори муқаррарии таҷҳизот ва таъминоти барномавии Бонк мебошад ё дар натиҷа ба он оварда мерасонад, ҳуқуқ надорад;
4.18.11. Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ки ба таъминоти барномавии Ҳамён ва /ё ба ягон қисми он бо қувваи худ ё бо

чалби ашхоси сеюм тағйирот ворид намояд, инчунин, воситаҳои дастрасии автоматикардашуда ба Ҳамёнро истифода барад, агар тартиби дигаре бо Бонк мувофиқа карда нашуда бошад;
4.19. Истифодаи маълумотҳои авторизатсионӣ ҳангоми аз ҷониби Мизоҷ ба Бонк ирсол шудани фармоиш ё огоҳӣ, аз ҷониби Тарафҳо ба таври дахлдор аутентификатсия, тасдиқи ҳақиқӣ ва пурра будани ҳуҷҷати электронии ирсолгардида эътироф карда мешавад.
4.20. Маълумотҳои авторизатсионии Мизоҷ бо мақсадҳои Созишномаи мазкур аз ҷониби Тарафҳо бо аналоги имзои худ (АИХ) эътироф карда мешаванд.
4.21. Тарафҳо эътироф мекунанд, ки истифодаи АИХ дар паёмҳои электронӣ, ки аз Мизоҷ ба Бонк дода мешаванд, натиҷаҳои ҳуқуқӣ эҷод мекунад, ки ба истифодаи имзои худ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон монанд мебошанд, ва ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки бо иҷроиши Созишнома алоқаманд ва бо АИХ тасдиқ шудаанд, бо ҳуҷҷати қоғазӣ, ки бо имзои худ аз ҷониби Тарафи дахлдор ба имзо расидаанд, баробарахамият мебошанд.
4.22. Дар сурати ба миён омадани баҳсҳо дар бораи мавҷуд будан ва/ё аслӣ будани АИХ бори исбот бар дӯши Тарафе мебошад, ки бо мавҷудияти АИХ ва /ё аслӣ будани АИХ розӣ нестанд.
4.23. Дар сурати ба миён омадани баҳсҳо дар бораи далели ворид намудани тағйирот ба паёми электронӣ баъди имзои он бо АИХ, бори исбот бар дӯши Тарафе мебошад, ки тасдиқ мекунад, ки ба паёми мазкур тағйиротҳо ворид карда шудаанд.
4.24. Дар сурати ба миён омадани баҳсҳо дар бораи аз ҷониби яке аз Тарафҳо далели ба даст овардани ягон паёми электронии бо АИХ имзошуда, бори исбот бар дӯши Тарафе мебошад, ки бо далели гирифтани паёми электрони бо АИХ имзошуда розӣ нест.
4.25. Дар ҳолати байни Тарафҳо ба миён омадани баҳсҳо вобаста ба истифодаи АИХ, Бонк таъминоти барномавиро истифода мебарад, ки ҳангоми ташаккули АИХ истифода бурда шудааст ва барои тафтиши он истифода бурда мешавад ва оиди аслӣ будани АИХ қарори худро мебарорад. Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ки қарори мазкурро бо тартиби судӣ мавриди баҳс қарор диҳад.
4.26. Маълумотҳои алоҳида ва/ё амалҳое, ки бо истифодаи Ҳамён вобаста мебошанд, мумкин аст ба Мизоҷ дар барномаи мобилии Бонк маҳдуд ё дастнорас бошанд.

## 5. Шартҳои амалӣ намудани интиқолҳои маблағҳои электронӣ

5.1. Бонк аз Мизоҷон барои иҷроиши уҳдадориҳои пулии онҳо дар назди шахсони сеюм маблағи пулӣ мегирад. Нисбат ба маблағҳои пулии аз ҷониби Бонк қабулнамуда, Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ки фармоишро танҳо бо истифода аз Ҳамён супорад, агар бо Созишномаи мазкур тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.
5.2. Ухдадориҳои Бонк дар доираи Созишномаи бо пешниҳоди хизматрсонии алоқаманд, бо истифодаи Ҳамён маҳдуд карда мешавад. Бонк Тарафи созиши байни Мизоҷон ва /ё Мизоҷону гирандагони интиқолҳои Мизоҷон нест, ва дар навбати худ:
— мутобиқатии созишро бо талаботҳои қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ, шартҳои он, инчунин, далел ва оқибатҳои бастан, иҷроиш ва қатъ кардани созиш, инчунин, дар қисмати баргардонидани пардохт аз рӯи чунин созишро ба танзим намедарорад ва назорат намекунад;
— даъвои Мизоҷро, ки бо иҷро накардани (иҷроиши нодуруст) уҳдадорӣ аз рӯи созиш аз ҷониби гирандагони маблағҳои пулӣ алоқаманданд, баррасӣ намекунанд.
5.3. Тартиб ва шартҳои пешниҳоди маблағҳои пулӣ;
5.3.1. Мизоҷ барои бо роҳҳои зерин ба Бонк пешниҳод намудани маблағҳои пулӣ ҳуқуқ дорад:
5.3.1.1. бе истифодаи суратҳисоби бонкӣ, аз ҷумла, тавассути ворид намудани пули нақд тавассути Агенти (субагент) Бонк ё ташкилоти қарзӣ – шарики Бонк;
5.3.1.2. бо истифода аз суратҳисоби бонкӣ, аз ҷумла, бо истифодаи кортҳои ҳисоббаробаркунӣ ва қарзии бонкӣ;
5.3.1.3. аз ҳисоби маблағҳои пулӣ, ки бо истифода аз суратҳисобҳои бонкӣ аз ҷониби дигар шахсони воқеӣ ҳангоми гузаронидани аутентификатсияи Мизоҷ пешниҳод карда мешавад;
5.3.1.4. аз ҳисоби маблағҳои пулӣ, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ё соҳибкорони инфиродӣ ба манфиати Мизоҷ пешниҳод карда мешаванд. Бонк ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ доираи шахсонеро, ки маблағҳои пулиро ба манфиати Мизоҷ тибқи зербанди мазкур пешниҳод мекунанд, маҳдуд намояд, ҳамчунин, маҳдудиятҳои (меъёрҳо) ҳаҷми маблағҳои пулии ба манфиати Мизоҷ бо чунин роҳ пешниҳодшавандаро муқаррар кунад ва тағйир диҳад.
5.3.2. Бонк, ҳамчунин, Агенти (субагент) Бонк ҳуқуқ дорад аз Мизоҷ ҳангоми аз ҷониби ӯ пешниҳод шудани маблағҳои пулӣ подош ситонад. Мавҷудият ва подоши Бонк, ки мутобиқи зербанди мазкур пешбинӣ шудааст, мутобиқи Тарофаҳо муқаррар карда мешавад. Подоши Агенти (субагент) Бонк, ки мутобиқи зербанди мазкур пешбинӣ шудааст, аз ҷониби Агенти (субагент) Бонк мустақилона муқаррар карда мешавад.
5.3.3. Додани пули нақд, боиси баҳисобгирии маблағҳои электронӣ аз ҷониби Бонк ба манфиати Мизоҷ ба андозаи мувофиқ ба маблағи пешниҳодшуда бо нигоҳ доштани подоши Бонк ва /ё Агенти (субагент) (дар

сурати ситонидани он) мегардад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар зербанди 5.3.3.1. - и Созишнома зикр гардидаанд.
5.3.3.1. Бонк барои зиёд кардани бақияи маблағҳои электронӣ рад мекунад, агар чунин зиёдшавӣ боиси зиёд шудани меъёри бақияи маблағи электронии муқаррарнамудаи қонун мешавад, инчунин, дар ҳолатҳои пешбининамудаи сархати якуми банди 4.17 - и Созишнома, агар аз ҷониби Бонк оиди паҳн кардани реҷаи муҳосира намудани Ҳамён ба амалиёти пурра кардани он қарор қабул карда шуда бошад. Бонк маблағҳои пулиеро, ки аз меъёри бақияи маблағҳои электронӣ зиёд пешниҳод шудаанд, ба ташкилоти қарзӣ ё Агенти (субагент) Бонк, ки маблағ аз онҳо ворид шудааст, бармегардонад. Ҳангоми ғайриимкон будани баргардонидани маблағҳои пулӣ/маблағҳои электронӣ, ки зиёда аз меъёри бақияи маблағҳои электронӣ пешниҳод шудаанд, Бонк ин маблағҳои пулиро дар назди худ нигоҳ медорад, ва аз рӯи имконият, онҳоро ба суратҳисоби виртуалии Мизоҷ ҳангоми кам шудани бақияи маблағҳои электронии Мизоҷ, мегузаронад.
5.3.4. Роҳҳо ва шартҳои пешниҳоди маблағҳои пулии Мизоҷ метавонанд маҳдуд карда шаванд. Маҳдудиятҳо метавонанд қайду шарт карда шаванд, аз ҷумла, бо истифодаи Ҳамёни мушаххаскардашуда ё мушаххаскарданашуда.
5.3.5. Ҳангоми ворид намудани маблағҳои пулӣ Мизоҷ (ё шахси сеюм) бояд дар таъиноти пардохт рақами Ҳамён ё рақами телефонро, ки ба Ҳамён пайваст аст, ишора намояд, ки дар он бояд маблағи муайяни пули электронӣ ба ҳисоб гирифта шуда бошад. Бонк ҳуқуқ дорад, ки ҳангоми пешниҳоди ниҳоии маблағҳои пулӣ аз Мизоҷ (шахси сеюм) маълумоти дигарро талаб намояд.
5.3.6. Дар сурати додани маблағҳои пулӣ аз тарафи шахсони сеюм, ҳамаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо вобаста ба маблағҳои электронӣ, ки ба Ҳамён гузаронида шудаанд, ба Мизоҷ мегузаранд. Чунин амалҳои шахсони сеюм аз ҷониби Тарафҳо ҳамчун аз ҷониби шахси сеюм ба манфиати Мизоҷ иҷрошуда баҳогузорӣ мешаванд.
5.4. Баҳисобгирии маблағҳои электронӣ
5.4.1. Маблағҳои пулӣ вобаста аз тарзи пешниҳоди онҳо ба сифати маблағҳои электронии Мизоҷ дар суратҳисоби виртуалӣ дар ҳолатҳои зерин ба инобат гирифта мешаванд:
5.4.1.1. гузаронидани маблағҳои пулӣ ба суратҳисоби Бонк;
5.4.1.2. аз тарафи Бонк гирифтани огоҳиномаи дахлдор аз Агенти Бонк ё оператори алоқа/дигар оператор, шарик мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи шартномаи байни онҳо басташуда;
5.4.1.3. аз тарафи Бонк гирифтани фармоиш аз соҳиби дигари Ҳамён оиди интиқоли маблағҳои электронӣ ба манфиати Мизоҷи мазкур.
5.4.1.4. аз тарафи Бонк гирифтани огоҳиномаи дахлдор аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, ки маблағҳои пулиро ба манфиати Мизоҷ, инчунин, анҷом додани амалҳои дигар ё ба миён омадани ҳолатҳои дар шартнома бо чунин шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ пешбинишуда.
5.4.2. Маълумот дар бораи бақияи маблағҳои электронӣ, дар бораи амалиётҳои Мизоҷ бо маблағҳои электронӣ, инчунин, маълумоти дигар дар бораи амалӣ намудани интиқол аз ҷониби Мизоҷ ва истифодаи Ҳамён аз ҷониби Бонк дар давоми муҳлати амали Созишномаи мазкур, инчунин, панҷ сол баъд аз қатъ шудани он сабт ва нигоҳ дошта мешавад. Нигоҳдории маълумоти зикргардида зиёда аз мӯҳлати зикршуда бо салоҳдиди Бонк амалӣ карда мешавад.
5.4.3. Амалҳои Мизоҷ, ки маблағи бақияи пулҳои электрониро тағйир медиҳанд, розигии ӯро бо маблағи бақия, маълумоте, ки дар Ҳамёни ӯ дар лаҳзаи пеш аз амалҳои муайяни Мизоҷ инъикос гардидааст, тасдиқ мекунад.
5.4.4. Мизоҷ, ки Ҳамёни мушаххаскардашударо истифода бурдааст, барои кушодани суратҳисоб барои баҳисобгирии маблағҳои электронӣ бо асъори хориҷӣ, фурӯхтан ва аз Бонк харидани асъори хориҷӣ дар шакли ғайринақдӣ, баргардонидани бақия ва интиқоли маблағҳои электронӣ бо асъори хориҷӣ, бо назардошти маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад.
5.4.5. Бонк маълумоти зеринро бо роҳи ҷойгиркунӣ дар Сомонаи Бонк ба таваҷҷӯҳи Мизоҷон мерасонад: номгӯи асъори хориҷӣ, ки барои фурӯш/харид аз Бонк дастрас мебошанд ва дар он метавонанд интиқолҳо, намудҳои амалиёт, ки метавонанд бо асъори хориҷӣ иҷро карда шаванд, қурби фурӯш/хариди асъори хориҷӣ аз ҷониби Бонк, амалӣ карда шаванд.
5.4.6. Аз ҷониби Мизоҷ харидорӣ намудани асъори хориҷӣ танҳо баъд аз кушодани суратҳисоб аз ҷониби ӯ барои баҳисобгирии бақияи маблағҳои электронӣ бо асъори хориҷии дахлдор имконпазир аст. Бонк ҳуқуқ дорад, ки ба Мизоҷ барои кушодани суратҳисоб бо асъори хориҷӣ рад кунад, агар аз ҷониби Мизоҷ ба Бонк барои навсозии маълумот оиди Мизоҷ тибқи талаботҳои қонунгузорӣ дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом маълумотҳои зарурӣ пешниҳод нашуда бошанд.
5.4.7. Фурӯш ва хариди асъори хориҷӣ аз рӯи қурби фурӯш/хариди асъори хориҷии Бонк амалӣ карда мешавад.
5.4.8. Ҳангоми харидорӣ намудани асъори хориҷӣ аз ҷониби Мизоҷ, Бонк бақияи маблағҳои электрониро, ки дар суратҳисоби виртуалӣ бо сомонӣ ба назар гирифта шудаанд, ба маблағи ҳамарзиши маблағи асъори

хориҷии бадастовардашаванда бо қурби фурӯши асъори хориҷии Бонк дар лаҳзаи пешниҳоди супоришномаи Мизоҷ барои харид кам мекунад, ва бақияи маблағи электрониро дар суратҳисоби Мизоҷ бо асъори хориҷии муайян, ки бо асъори хориҷӣ нишон дода шудааст, зиёд менамояд.
5.4.9. Ҳангоми аз ҷониби Мизоҷ фурӯхтани асъори хориҷӣ, Бонк бақияи маблағҳои электрониро, ки дар суратҳисоб бо асъори хориҷии муайян ба назар гирифта шудаанд, кам менамояд ва бақияи маблағҳои электронӣ, ки дар суратҳисоби виртуалӣ бо сомонӣ ба назар гирифта шудаанд, ба маблағи ҳамарзиши асъори хориҷии фурӯхташаванда бо қурби хариди асъори хориҷии Бонк дар лаҳзаи аз ҷониби Мизоҷ пешниҳод шудани супоришнома барои фурӯши зиёд менамояд.

**5.5. Анҷом додани интиқоли маблағҳои электронӣ**
5.5.1. Интиқоли маблағҳои электронӣ дар асоси фармоиши Мизоҷ амалӣ карда мешавад, ки дар шакли электронӣ бо истифодаи Ҳамён иҷро карда шудааст.
5.5.2. Бонк ҳангоми аз Мизоҷ гирифтани фармоиш барои интиқол, ҳуқуқи Мизоҷро барои ихтиёрдории маблағҳои электронӣ дар асоси Аутентификатсияи Мизоҷ бо истифода аз маълумотҳои авторизатсионӣ тафтиш мекунад.
5.5.3. Мизоҷе, ки Ҳамёни мушаххаскардашударо истифода мебарад, ҳуқуқ дорад:
5.5.3.1. Интиқоли маблағҳои электрониро ба манфиати Мизоҷи дигари Бонк – шахси воқеӣ, ки тартиби мушаххаскуниро гузаштааст, амалӣ намояд.
5.5.3.2. Интиқоли маблағҳои электрониро ба манфиати Мизоҷи Бонк, ки воситаи электронии пардохтро истифода мебарад, амалӣ намояд.
5.5.3.3. Интиқоли маблағҳои электрониро барои зиёд намудани бақияи маблағҳои электронӣ дар Ҳамёни дигар, ки ба Мизоҷи мазкур тааллуқ дорад, амалӣ намояд.
5.5.3.4. Интиқоли маблағҳои электрониро ба манфиати Мизоҷи (аз ҷумла, ба худ) оператори дигари маблағҳои электронӣ ба шарти дар чунин оператор мавҷуд будани муносибатҳои шартномавии дахлдор бо Бонк амалӣ намояд.
5.5.4. Мизоҷе, ки Ҳамёни мушаххаскарданашударо истифода мебарад, ҳуқуқ дорад:
5.5.4.1. Интиқоли маблағҳои электрониро ба манфиати мизоҷи Бонк, ки воситаи пардохти электронии корпоративиро истифода мебарад, амалӣ намояд.
5.5.5. Бешубҳагии интиқоли маблағҳои электронӣ, дар лаҳзаи иҷроиши шартҳои аз ҷониби Мизоҷ ва (ё) гирандаи маблағ ё шахсони дигар муайяннамуда амалӣ намудани интиқоли маблағҳои электронӣ ҳангоми мавҷуд набудани шартҳои зикргардида ба вуҷуд меояд.
5.5.6. Бебозхонд ва ниҳоӣ будани интиқоли маблағҳои электронӣ дар лаҳзаи аз ҷониби Бонк якбора қабул кардани фармоиши Мизоҷ, аз ҷониби ӯ кам кардани бақияи маблағҳои электронии пардохткунанда ва зиёд кардани бақияи маблағҳои пулии гирандаи маблағ ба маблағи интиқоли маблағҳои электронӣ ба амал меояд.
5.5.7. Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ки интиқоли маблағҳои электрониро дар ҳама ҳолат бо шарти риояи талаботи муқаррарнамудаи банди 4.18. -и Созишномаи мазкур амалӣ намояд.
5.5.8. Агар иҷроши супориши Мизоҷ оиди интиқоли маблағҳои электронӣ боиси зиёд шудани меъёри муқаррарнамудаи қонун ё меъёри гардиши маблағҳои электронӣ мегардад, Бонк иҷроиши чунин фармоишро рад мекунад.
5.5.9. Бонк ҳуқуқ дорад, ки номгӯи гирандагони маблағҳои электрониро барои категорияҳои алоҳидаи Мизоҷон маҳдуд кунад. Маҳдудиятҳо метавонанд, аз ҷумла, бо истифодаи Ҳамёни мушаххаскардашуда ва мушаххаскарданашуда қайду шарт карда шаванд, инчунин, аз ҷониби Мизоҷ истифода бурдан ё набурдани хизматрасониҳои иловагии Бонк.

**5.6. Тартиб ва шартҳои баргардонидани бақияи маблағҳои электронӣ**
5.6.1. Мизоҷ ҳуқуқ дорад дар ҳар лаҳза баргардонидани бақияи (як қисми он) маблағи электрониро талаб кунад, агар Ҳамёни дахлдор зери муҳосира набошад.
5.6.2. Бонк ҳуқуқ дорад, ки барои амалӣ намудани интиқоли маблағҳои пулӣ ҳангоми баргардонидани маблағҳои электронӣ новобаста аз тарзи додани фармоиш ва /ё тарзи баргардонидан, подошпулӣ ситонад.
5.6.3. Мизоҷе, ки Ҳамёни мушаххаскардашударо истифода мебарад, ҳуқуқ дорад, ки баргардонидани бақияи маблағҳои электрониро бо яке аз роҳҳои зерин талаб кунад:
5.6.3.1. бо роҳи интиқоли маблағҳои пулӣ ба ягон суратҳисоби бонкӣ;
5.6.3.2. бо роҳи интиқоли маблағҳои пулӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ;
5.6.3.3. бо роҳи гирифтани пули накд аз ташкилоти қарзӣ- шарики Бонк, Агенти Бонк, худи Бонк, ҳамчунин, субагенти пардохтии бонкӣ, ки аз ҷониби Агенти Бонк ҷалб карда шудааст, ҳангоми муносибатҳои дахлдори шартномавӣ доштани Агент бо Бонк;
5.6.4. Баргардонидани бақияи маблағҳои электронӣ ё як қисми бақияи маблағҳои электронии дорандаи ҳамёнҳои электронии мушаххаснашуда – шахси воқеӣ баъд аз мушаххас кардани дорандаи ҳамёни

электронӣ дар воҳидҳои сохтории оператор, ки суроғаи онҳо дар сомонаи расмии Бонк www.eskhata.com дар фасли филиалҳо ва МХБ нишон дода шудааст, амалӣ мегардад.
5.6.5. Баргардонидани бақияи маблағҳои электронӣ дар асосӣ фармоиши Мизоҷ амалӣ карда мешавад, ки метавонад бо истифода аз Ҳамён, инчунин, бо роҳҳои дигари пешбининамудаи Созишномаи мазкур ё ба таври иловагӣ байни Мизоҷ ва Бонк мувофиқакардашуда ирсол карда шавад. Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ки ба Бонк оиди интиқоли яккарата ё даврагии бақияи (як қисми он) маблағҳои электронӣ фармоиш ирсол намояд.
5.6.6. Баргардонидани бақияи маблағҳои электронӣ бидуни фармоиши Мизоҷ бо роҳи зерин амалӣ карда мешавад:
5.6.6.1. Ба маблағи подошпулӣ, ки бояд аз ҷониби Мизоҷ ба Бонк мутобиқи Тарофаҳо пардохт карда шавад.
5.6.6.2. Ба маблағи ҷаримаи аҳдшикании (ҷарима, пеня) пешбининамудаи Созишномаи мазкур (аз ҷумла, бо Тарофаҳо ё шартҳои пешниҳоди хизматрасониҳои иловагӣ) ва/ё дигар хароҷотҳои ба таври расмӣ тасдиқшудаи Бонк, ки дар натиҷаи пешниҳоди хизматрасонӣ ба Мизоҷ мутобиқи Созишномаи мазкур сарф карда шудаанд.
5.6.6.3. Бо талаби гирандаи маблағҳои пулӣ, ки нисбати он аз ҷониби Мизоҷ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун розигӣ дода шудааст.
5.6.6.4. Ҳангоми руёнидани бақияи (як қисми он) маблағҳои электронӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун.
5.6.6.5. Ба маблағе, ки саҳван аз ҷониби Бонк ба Ҳамёни Мизоҷ гузаронида шудааст.
5.6.6.6. Маблағи қарзи Мизоҷ дар назди Бонк, ки дар натиҷаи ҳолатҳои зерин (аз ҷумла, вале бе маҳдудият) ба амал омадаанд:

- Боздоштани маблағ барои ба дорандаи корт баргардонидан ҳангоми аз ҷониби дорандаи корт баҳс кардани амалиёти пешниҳоди маблағҳои пулӣ ба Бонк барои пурра кардани бақияи маблағҳои электронӣ бо истифода аз корти бонкӣ;
- Фарқият дар қурби асъор ҳангоми анҷом додани амалиёти пурра кардани бақияи маблағи электронӣ бо истифода аз корти бонкӣ, ки дар натиҷаи фарқияти вақт байни лаҳзаи анҷом додани амалиёт ва лаҳзаи ба охир расидани давраи коркарди амалиёт дар низоми пардохтии байналхалқӣ ба амал омадааст;
- Анҷом додани амалиёт ба маблағи зиёда аз ҳаҷми бақияи маблағи электронӣ, вақте ки он дар натиҷаи хатогии техникии Бонк ва ё дар натиҷаи истифодаи он барои баргардонидани бақияи маблағҳои электронии корти пардохтӣ, ки бо низомҳои пардохтӣ бароварда шудаанд, имконпазир шудааст, агар ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо маблағи дар паём оиди клиринги пардохтӣ мавҷудбуда, аз меъёри пардохтии корт зиёд аст.

5.6.6.7. Ба маблағи воситаҳои пулии аз амалиётҳои баҳсшудаи ба манфиати Мизоҷ воридшуда ва аз ҷониби Бонк ба пардохткунанда тибқи банди 13.2. -и Созишнома ҷуброншуда. Дар ин ҳолат фарқ надорад, ки оё Мизоҷ гирандаи аввал ё минбаъдаи маблағи амалиёти баҳсшуда мебошад.
5.6.6.8. Ба маблағи бақияи маблағҳои электронӣ дар сурати бекор кардани Созишномаи мазкур бо ташаббуси Мизоҷ ва дар сурати нокифоя будани маблағи бақия барои ситонидани комиссияи Бонк мутобиқи Тарофаҳо барои амалиёти баргардонидани бақияи маблағи электронӣ.
5.6.6.9. Дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё розигии Тарафҳо.
Муқаррароти бандҳои 5.6.6.1., 5.6.6.2., 5.6.6.5. – 5.6.6.9. - и банди мазкур дорои эътибори қабули пешакии Мизоҷ барои кам кардани бақияи маблағи электронии Мизоҷ бо талаби гирандаи маблағ, аз ҷумла, оиди ҳама гуна асосҳои эълоншудаи пешбининамудаи банди мазкур мебошад. Агар Мизоҷи мушаххаскардашуда дорои якчанд Ҳамён бошад, дар сурати нокифоя будани маблағи электронӣ дар як Ҳамён, Бонк ҳуқуқ дорад, ки бақияи маблағи электрониеро, ки дар Ҳамёни дигар ба назар гирифта шудааст, ба маблағи иҷронашудаи талаботи гиранда кам кунад.
5.6.7. Баргардонидани бақияи маблағҳои электронӣ метавонад бо ташаббуси Бонк дар ҳолати рад кардани Бонк аз иҷроиши Созишномаи мазкур бо тартиби яктарафа бо қатъи баробари истифодаи Ҳамён амалӣ карда шавад. Баргардонидан дар чунин ҳолат ба суратҳисоби бонкии Мизоҷ, ки реквизитҳои он аз ҷониби Мизоҷ пешниҳод шудааст, амалӣ карда мешавад.
5.6.8. Дар ҳолатҳое, ки баргардонидани бақияи маблағҳои электронӣ тибқи супориши Мизоҷ ба суратҳисоби бонкии шахси дигар, назар ба Мизоҷ, амалӣ карда шуда метавонад (аз ҷумла, шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ), муқаррар намудани хусусияти муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки байни Мизоҷ ва шахсе, ки ба он Бонк бояд бо супориши Мизоҷ бақияи маблағҳои электрониро баргардонад, ҷой дорад, дар салоҳияти Бонк нест. Бонк барои натиҷаи чунин баргардонидан, ки метавонанд барои Мизоҷ ва /ё шахси дигар ба амал оянд, ҷавобгар нест.
5.6.9. Ҳангоми бекор кардани Созишномаи мазкур бақияи маблағҳои электронӣ дар маблағи нокифоя барои ситонидани комиссияи Бонк барои амалиёти баргардонидани бақия боиси баргардонидан нест ва бо тартиби пешбининамудаи банди 5.6.6.8. - и Созишнома ба даромади Бонк дохил карда мешавад.

5.6.10. Бақияи (қисми он) маблағи электронии Мизоҷ метавонад дар ҳолатҳои зерин муҳосира карда шавад (барои истифода аз ҷониби Мизоҷ дастнорас бошад):
5.6.10.1. Ҳангоми пардохти мол/хизматрасонӣ маблағи интиқол метавонад то лаҳзаи тасдиқи интиқол аз ҷониби гирандаи маблағ муҳосира карда шавад, аммо на бештар аз 7 (ҳафт) рӯз;
5.6.11. Бонк фармоишро барои баргардонидани маблағҳои электронӣ, ки барои иҷроиш ҳам аз ҷониби Мизоҷ ва ҳам аз ҷониби гиранда дода шудааст, танҳо дар ҳолатҳои кофӣ будани маблағҳои электронӣ қабул мекунад. Иҷроиши фармоиш бо роҳи кам кардани бақияи (қисми он) маблағҳои электронӣ барои маблағе, ки дар супоришнома зикр гардидааст, амалӣ карда мешавад.

5.7. Пайвасткунии кортҳои бонкӣ ба Ҳамён
5.7.1. Мизоҷ ҳуқуқ дорад, кортҳои бонкиро ба Ҳамён пайваст кунад.
5.7.2. Дар сурати аз ҷониби Мизоҷ додани супориш оиди интиқоли маблағҳои пулӣ аз ҳисоби бақияи маблағҳои пулӣ, ки дар корти бонкии ба Ҳамён пайваст ба назар гирифта шудаанд, чунин супориш бо роҳи аз ҳисоб баровардани маблағи интиқол аз суратҳисоби корти бонкӣ ва зиёд намудан ба маблағи интиқоли бақияи маблағи электронӣ дар Ҳамёни дахлдор баназаргирифташуда, инчунин, кам кардани бақияи зикргардидаи маблағи электронӣ ба маблағи интиқол ва аз ҷониби Бонк пешниҳод шудани маблағи пулии Мизоҷ ба гиранда бо роҳи бо шакли татбиқшавандаи қайду шарт кардашудаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ иҷро карда мешавад.
5.7.3. Пайвасткунии корти бонкӣ ба Ҳамён ба таври зерин амалӣ мегардад:
5.7.3.1. Мизоҷ барои пайваст кардани корт дар ҷараёни анҷом додани интиқоли бо истифода аз корт дар интерфейси Ҳамён розигӣ медиҳад ва пайвасти кортро тасдиқ мекунад;
5.7.4. Мизоҷ ҳуқуқ дорад дар ҳар лаҳза пайвасти кортро ба Ҳамён ба роҳи зерин бекор кунад:
5.7.4.1. Мизоҷ пайвасткуниро ба интерфейси Ҳамён бекор мекунад ва бекор кардани пайвасткуниро тасдиқ мекунад;
5.8. Рад кардани иҷрои амалиёт ва боздоштани амалиёт.
5.8.1. Бонк ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ ва ё бо ташаббуси мақомоти ваколатдори давлатӣ амалиётро боздошт намояд ва ё иҷроиши амалиётро рад кунад.
5.8.2. Бо ташаббуси Бонк радкунӣ аз анҷом додани амалиёт ё боздошти амалиёт метавонад дар ҳолатҳои зерин амалӣ карда шавад:
— дар ҳолатҳое, ки дар банди 4.16. -и Созишномаи мазкур зикр гардидаанд;
— дар сурати аз ҷониби Бонк амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба муқовимат ба амалигардонии интиқоли маблағҳои пулӣ бе розигии Мизоҷ.
5.8.3. Дар сурати боздоштани амалиёт бо асосҳои дар банди 4.16. -и Созишномаи мазкур зикршуда, Бонк иҷроиши супоришҳои Мизоҷро дар муҳлати пешбининамудаи банди 4.17. -и Созишнома барқарор месозад. Дар сурати боздоштани амалиёт дар натиҷаи татбиқи чорабиниҳо аз ҷониби Бонк оид ба муқовимат ба амалигардонии интиқоли маблағҳои пулӣ бе розигии Мизоҷ, Бонк иҷрои супориши Мизоҷро то гузаштани муҳлат ва/ё баъди аз ҷониби Мизоҷ иҷро намудани амалҳои бо қонун муқарраршуда, барқарор месозад.

## 6. Тарофаҳо

6.1. Бонк барои пешниҳоди хизматрасонӣ дар доираи Созишномаи мазкур аз Мизоҷ подошпулӣ меситонад, ки андоза ва тартиби ситонидани он дар Тарофаҳо муқаррар карда мешавад.
6.2. Тарофаҳои Бонк дар сомонаи Бонк нашр карда мешаванд. Ворид намудани тағйирот ба Тарофаҳо бо тартиби муқаррарнамудаи банди 12.1. -и Созишномаи мазкур муқаррар карда мешаванд.
6.3. Бонк ҳуқуқ дорад, ки ба таври яктарафа Тарофаҳоро пурра ё қисман тағйир диҳад (зиёд ё кам кунад), тарофаҳои нав муқаррар кунад ва тарофаҳои мавҷударо бекор кунад. Ҳамзамон, тағйиротҳои зикршуда дар давоми 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи нашри тағйиротҳои зикршуда дар Сомонаи Бонк эътибор пайдо мекунанд, агар аз ҷониби Бонк тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Ба Мизоҷ аз ҷониби Бонк оиди чунин тағйиротҳо бо яке аз роҳҳои пешбининамудаи банди 7.7. -и созишномаи мазкур хабар дода мешавад.

## 7. Тартиби ҳамкории иттилоотии Тарафҳо

7.1. Мизоҷ ҳангоми бастани Созишномаи мазкур вазифадор аст, ки ба Бонк барои алоқа бо ӯ ва фиристодани огоҳӣ мутобиқи банди 7.7. -и Созишномаи мазкур маълумоти саҳеҳ пешниҳод намояд. Мизоҷ барои таъмини доимии мутобиқатии маълумотҳои зикргардида масъул мебошад.
7.2. Мизоҷ ҳангоми бастани Созишномаи мазкур вазифадор аст, ки усули гирифтани огоҳӣ аз Бонкро, ки мутобиқи банди 7.7. -и Созишномаи мазкур ирсол карда мешавад, интихоб намояд.
7.3. Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ки аз байни усулҳои аз ҷониби Бонк ба ӯ барои ирсоли огоҳӣ оиди амалиётҳо бо истифода аз Ҳамён пешниҳодшуда, якчанд усулҳоро интихоб намояд, инчунин, дар ҳар лаҳза усули огоҳии интихобшударо бо роҳи пешниҳоди маълумоти саҳеҳ ба Бонк барои алоқа ва ирсол намудани огоҳӣ ба ӯ бо усули муқаррарнамудаи Бонк, тағйир диҳад.

7.4. Бонк ҳуқуқ дорад, ки барои ирсол намудани огоҳӣ ба Мизоҷ оиди амалиётҳо бо истифодаи Ҳамён, подошпулӣ ситонад.
7.5. Дар сурати рад кардани Мизоҷ аз ҳамаи усулҳои аз ҷониби Бонк пешниҳодшудаи ирсоли огоҳӣ, маълумоти Мизоҷ тибқи банди 7.1-и Созишномаи мазкур ба таври дуруст пешниҳоднакарда эътироф карда мешавад, ва Бонк оид ба огоҳ намудани Мизоҷ ухдадориҳои худро иҷрокарда ҳисобида мешавад. Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ба Бонк оид ба огоҳии номатлуби Мизоҷ дар бораи амалиёт даъво кунад.
7.6. Бонк ҳангоми иҷрои Созишнома вазифадор аст, ки ба Мизоҷ дар бораи анҷом додани ҳар як амалиёт бо истифодаи Ҳамён тибқи тартиби муқаррарнамудаи банди 7.2. ё 7.3. ҳамин Созишнома, огоҳ намояд.
7.7. Ухдадории Бонк оид ба огоҳонидани Мизоҷ дар хусуси анҷомдиҳии амалиёт, дар лаҳзаи фиристодани огоҳии дахлдор иҷрошуда ҳисобида мешавад. Огоҳинома дар давоми се соат аз лаҳзаи ирсол, аз тарафи Мизоҷ қабулшуда ҳисобида мешавад. Бонк барои набудани дастрасии Мизоҷ ба воситаҳое, ки бо истифода аз онҳо Мизоҷ метавонад огоҳиро ба даст орад, ё саривақт нагирифтани огоҳинома, аз ҷумла, барои носозиҳо дар кори Интернет, шабакаҳои алоқа, ки бо сабабҳои аз Бонк вобастанабуда ба амал омадаанд, ки боиси аз ҷониби Мизоҷ саривақт нагирифтан ё тамоман нагирифтани огоҳиҳои Бонк гардидааст, ҷавобгар нест.
7.8. Бонк ба Мизоҷ барои аз ҷониби Мизоҷ ирсол намудани огоҳиномаҳо оиди гум кардани дастрасӣ ё истифодаи Ҳамён бе розигии Мизоҷ бо роҳҳои дар сомонаи Бонк зикргардида имконият медиҳад:

- Бо роҳи муроҷиати шахсӣ ё бо роҳи ирсол намудани огоҳинома ба ягон филиалҳои Бонк, ки суроғаи онҳо дар сомонаи расмии www.eskhata.com дар фасли филиалҳо ва МХБ нишон дода шудааст;
- Бо роҳи муроҷиат ба Хадамоти дастгирии Бонк бо телефони 808 ё (44) 600-0-600;
- Бо роҳи муроҷиат ба Хадамоти дастгирии Бонк бо ирсол намудани огоҳинома тавассути почтаи электронии contactcenter@eskhata.tj;
- Бо роҳи муроҷиат ба Хадамоти дастгирии Бонк бо ирсол намудани огоҳинома тавассути интернет-хизматрасониҳои коммуникатсионии (мессенҷерҳо) бо Бонк дастгиришаванда.

Чунин огоҳӣ бояд ба Бонк фавран баъди ошкор намудани далели гум кардани дастрасӣ ва/ё истифодаи Ҳамён бе розигии Мизоҷ, вале на дертар аз рӯзи дигари баъди аз Бонк гирифтани огоҳинома дар бораи амалиёти анҷомдода ирсол карда шавад.
Бонк барои набудани дастрасии Мизоҷ ба воситаҳое, ки бо истифода аз онҳо Мизоҷ метавонад огоҳиро ба даст орад, ё саривақт нагирифтани огоҳинома, аз ҷумла, барои носозиҳо дар кори Интернет, шабакаҳои алоқа, ки бо сабабҳои аз Бонк вобастанабуда ба амал омадаанд, ки боиси аз ҷониби Мизоҷ саривақт нагирифтан ё тамоман нагирифтани огоҳиҳои дар банди мазкур зикргардида, ҷавобгар нест.
Лаҳзаи гирифтани огоҳинома аз Мизоҷ вобаста аз усули ирсоли он муайян карда мешавад:
— ҳангоми ирсоли огоҳӣ бо телефон бо истифода аз алоқаи овозӣ, лаҳзаи гирифтани огоҳинома, лаҳзаи сабти огоҳинома аз ҷониби Хадамоти дастгирии Бонк ба ҳисоб меравад;
— ҳангоми фиристодани огоҳинома ба воситаи интернет-хизматрасониҳои коммуникатсионӣ (мессенҷерҳо) ё СМС-паёмҳо, лаҳзаи гирифтани огоҳинома аз ҷониби Бонк, лаҳзаи гирифтани огоҳинома ҳисобида мешавад;
— ҳангоми фиристодани огоҳинома ба воситаи почтаи электронӣ, лаҳзаи гирифтани огоҳинома, ин лаҳзаи гирифтани огоҳинома аз ҷониби сервери почтавии Бонк ба ҳисоб меравад;
— ҳангоми ирсол намудани огоҳинома тавассути почта, лаҳзаи гирифтани огоҳинома санае мебошад, ки дар ҳуҷҷати супоридани огоҳиномаи Бонкро тасдиққкунанда зикр гардидааст.
7.9. Бонк ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ ба Мизоҷ ҳама гуна дигар огоҳиномаҳо, ба ғайр аз ҳолатҳои дар банди 7.6. -и Созишномаи мазкур пешбинишударо ирсол намояд. Ҳангоми фиристодани огоҳиномаҳо мувофиқи банди 7.6. -и созишномаи мазкур, огоҳинома бо гузашти 24 соат аз лаҳзаи ирсол намудани огоҳинома, аз ҷониби Мизоҷ қабулшуда ҳисобида мешавад.
7.10. Ҳамкории иттилоотӣ метавонад бо истифода аз каналҳои кушодаи (ҳифзнашуда) алоқа, ки берун аз доираи назорати Бонк қарор дорад, амалӣ карда шавад. Мизоҷ бо тамоми хавфҳои вобаста бо додани маълумот, аз ҷумла, маълумоти шахсӣ ва маълумот дар бораи амалиёт бо Ҳамён, бо каналҳои кушодаи алоқа розӣ мешавад.

## 8. Баррасии аризаи Мизоҷ.

8.1. Мизоҷ ҳангоми иҷрои Созишнома ҳуқуқ дорад, ки ба Бонк огоҳинома, дархост, даъво, аризаҳо, шикоятҳо ва дигар муроҷиатҳои бо шартномаи мазкур ҳам пешбинӣ шуда ва ҳам пешбинӣ нашуда бо яке аз роҳҳои зерин ирсол намояд (агар тартиби дигаре бо Созишномаи мазкур пешбинӣ нашуда бошад):
8.1.1. бо роҳи пешниҳоди аризаи дахлдор аз ҷониби Мизоҷи мушаххаскардашуда ба ягон филиали Бонк , ки суроғаи онҳо дар сомонаи расмии www.eskhata.com дар фасли филиалҳо ва МХБ нишон дода шудааст бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққкунандаи шахсият;

8.1.2. бо роҳи пешниҳоди аризаи дахлдор аз ҷониби Мизоҷи мушаххаскарданашуда ба ягон филиали Бонк, ки суроғаи онҳо дар сомонаи расмии www.eskhata.com дар фасли филиалҳо ва МХБ нишон дода шудааст бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият;
8.1.3. бо роҳи аз ҷониби Мизоҷ таъмин намудани гирифтани ариза дар қоғаз навишташуда аз тарафи Бонк, агар имзои Мизоҷ дар чунин ариза ба таври нотариалӣ тасдиқ карда шудааст;
8.1.4. ба таври дигар, тибқи қонунгузории ҶТ.
8.2. Бонк баъд аз гирифтани аризаи хаттии Мизоҷ, аз ҷумла, даъво, вазифадор аст дар давоми 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ аризаро баррасӣ намояд ва оиди натиҷаи баррасии он ба Мизоҷ хабар диҳад.
8.3. Ҷавоб ба аризаи Мизоҷ (аз ҷумла, ба даъво) бо яке аз роҳҳои дар банди 7.10-и Созишномаи мазкур муқарраршуда, бо салоҳдиди Бонк ирсол карда мешавад. Дар сурати қабули қарор дар бораи пурра қонеъ гардонидани даъво, Бонк ҳуқуқ дорад, ки амалҳои дахлдорро бе ирсоли ҷавоб ба аризадиҳанда оиди қонеъ гардонидани даъво анҷом диҳад. Бо талаби Мизоҷ маълумот дар бораи баррасии аризаи ӯ ба Мизоҷ дар шакли хаттӣ пешниҳод карда мешавад.

## 9. Мушаххаскунии Мизоҷ

9.1. Мушаххаскунии Мизоҷ дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:
9.1.1. бо аризаи ихтиёрии Мизоҷ (аз ҷумла, бо хоҳиши Мизоҷ барои истифода бурдани Ҳамёни мушаххаскардашуда ва /ё пайваст намудани хизматрасонии иловагӣ, ки мушаххаскунии Мизоҷро талаб мекунад);
9.1.2. аз рӯи далели аз ҷониби Мизоҷи мушаххаскарданашуда додани ариза;
9.1.3. аз рӯи далели аз ҷониби Бонк қонеъ гардонидани аризаи Мизоҷ дар бораи барқарор намудани дастрасӣ;
9.1.4. бо талаби Бонк, махсусан, дар ҳолатҳои зерин:
9.1.4.1. вақте ки Бонк асос барои фикр кардани онро дорад, ки Мизоҷ шартҳои Созишнома, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии Бонк ва/ё шахсони сеюмро вайрон мекунад;
9.1.4.2. вақте, ки мушаххаскунӣ тибқи талаботҳои қонунгузорӣ дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом зарур мебошад;
9.1.4.3. ҳангоми аз ҷониби Банк иҷро намудани талаботҳои қонунгузорӣ дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;
9.1.4.4. вақте, ки мавҷуд набудани мушаххаскунии Мизоҷ боиси аз ҷониби Бонк иҷро накардани ухдадориҳои худ назди Мизоҷ шуда метавонад, аз ҷумла, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.
9.2. Мушаххаскунӣ бо роҳҳои зерин амалӣ мегардад:
9.2.1. шахсан хозир шудан ба яке аз филиалҳои Бонк, ки суроғаи онҳо дар сомонаи расмии www.eskhata.com дар фасли филиалҳо ва МХБ нишон дода шудааст бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои барои мушаххаскунӣ зарурӣ;
9.2.2. бо роҳҳои дигаре, ки қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ муқаррар намудааст.
9.3. Дар ҳамаи ҳолатҳои пешбининамудаи банди 9.2.-и Созишномаи мазкур, Бонк ҳуқуқи пешниҳод намудан ба шахси воқеии мушаххаскуниро гузаштаистода иловатан тафтиш намудани маълумотҳоро дорад. Дар сурати аз ҷониби Бонк ба Мизоҷ ирсол намудани чунин пешниҳод, мушаххаскунӣ бомуваффақият хотимаёфта ҳисобида мешавад.
9.4. Номгӯи маълумот, ки аз Мизоҷ ҳангоми мушаххаскунии ӯ ба даст оварда мешавад, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

## 10. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои дигари Тарафҳо

10.1. Ҳуқуқҳои Бонк:
10.1.1. Рад кардани гузаронидани амалиётҳое, ки танҳо барои Мизоҷони мушаххаскардашуда дастрасанд, агар Мизоҷ мушаххаскарданашуда бошад;
10.1.2. Рад кардани гузаронидани амалиёт, агар Мизоҷ бо тартиби пешбининамудани Созишномаи мазкур аутентификатсия нашуда бошад;
10.1.3. Рад кардани гузаронидани амалиёт, агар маблағи бақияи пулҳои электронӣ барои гузаронидани амалиёт ва аз ҳисоб баровардани подошпулии пешбининамудаи Тарофаҳо нокифоя бошад;
10.1.4. Рад кардани гузаронидани амалиёт дар сурати ошкор намудани хатогиҳои аз ҷониби Мизоҷ ҳангоми зикр намудани реквизитҳои пардохтӣ, аз ҷониби Мизоҷ пешниҳод накардан ё пешниҳод кардани ҷамъи нопурраи ҳуҷҷатҳои (реквизитҳо) ба Бонк барои гузаронидани амалиёт зарурӣ, инчунин, дар сурати ихтилофоти амалиёт ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартҳои Созишномаи мазкур роҳдодашуда;

10.1.5. Иҷро накардани супоришҳои ба Бонк воридшавандаи Мизоҷ, ки аз рӯи онҳо ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои сабти маълумоти пешбининамудаи қонунгузорӣ дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, то аз ҷониби Мизоҷ пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳои дархостнамудаи Бонк, пешниҳод нашудаанд;
10.1.6. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи Созишномаи мазкур ва/ё қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳосира намудани Ҳамён;
10.1.7. Аз Мизоҷ дархост намудани маълумоти иловагӣ ва ҳуҷҷатҳо оид ба амалиётҳо бо маблағҳои пулӣ, аз ҷумла, тасдиққунандаи манбаи пайдоиши маблағҳои пулӣ дар суратҳисоби виртуалӣ, асос барои анҷом додани амалиёт, инчунин, маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки барои муқаррар намудани манфиатгирандагон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад;
10.1.8. Кам кардани бақияи маблағҳои электронии Мизоҷ бе супориши Мизоҷ дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Созишномаи мазкур ва/ё қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
10.1.9. Ворид намудани ислоҳот ба қайди амалиётҳо дар сурати вайронӣ дар кори базаи маълумотҳо, инчунин, иҷро намудани ҳамаи амалҳои зарурӣ барои барқарор намудани маълумот оиди амалиётҳои аз ҷониби Мизоҷ анҷомдодашуда;
10.1.10. Муқаррар намудан ва тағйир додани (зиёд кардан, кам кардан) маҳдудият (меъёрҳо) барои анҷом додани амалиёт бо истифода аз Ҳамён ҳам барои ҳамаи Мизоҷон ва ҳам барои гурӯҳи алоҳидаи Мизоҷон.
10.1.11. Гузаронидани модификатсияи интерфейсҳо ва таъминоти барномавии ҳангоми ҳамкории Тарафҳо дар доираи Созишномаи мазкур истифодашаванда;
10.1.12. Боздоштани кори воситаҳои барномавӣ ва/ё аппаратӣ, ки ҳамкории техникии Тарафҳоро дар доираи Созишномаи мазкур ҳангоми ошкор намудани носозиҳои муҳим, хатогиҳо ва вайрониҳо, инчунин, бо мақсади гузаронидани корҳои профилактикӣ ва пешгирии ҳолатҳои истифодаи беиҷозат таъмин мекунанд;
10.1.13. Дар вақти дилхоҳ манъ намудани муроҷиати автоматии қаблан ба Ҳамён иҷозатдодашуда, инчунин, қатъ кардани қабули ҳама гуна иттилооти ба таври автоматӣ тартибдодашуда;
10.1.14. Аз Мизоҷ— шахси воқеӣ, ки Ҳамёни мушаххаскардашударо истифода мебарад ва ба синни балоғат нарасидааст ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба пуррагӣ қобили фаъолият эътироф нашудааст, пешниҳоди розигии хаттии намояндаи қонунии ӯ аз рӯи шакли аз ҷониби Бонк барои истифодаи Ҳамён муқарраршударо дорад,. Чунин розигӣ бояд аз ҷониби намояндаи қонунии Мизоҷ ба филиали Бонк , ки суроғаи онҳо дар сомонаи расмии www.eskhata.com дар фасли филиалҳо ва МХБ нишон дода шудааст бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти намояндаи қонунӣ ва нусхаи аслии хатти таваллуди Мизоҷ пешниҳод карда шавад, ё ба суроғаи Бонк ба шарти тасдиқи нотариалии аслӣ будани имзои намояндаи қонунӣ бо ариза ирсол карда шавад;
10.1.15. Пешниҳод намудани маълумот дар бораи мавҷуд будани мақоми Мизоҷи мушаххаскардашуда ё мушаххаскарданашуда;
10.1.16. Бо мақсади иҷрои Созишнома, таъмини амнияти амалиётҳо барои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард бо ҳама гуна усулҳо, инчунин, ҳангоми зарурат, интиқол намудани маълумот оиди конфигуратсия ва дигар тавсифи воситаҳои барномавӣ-аппаратӣ ба шахси сеюм, ки аз ҷониби Мизоҷ барои дастрасӣ ба Ҳамён истифода бурда мешавад, инчунин, ҳама гуна дигар маълумот, ки ба таври автоматӣ аз ҷониби Бонк дар ҷараёни ҳамкории он бо воситаҳои барномавию аппаратии Мизоҷ дода мешаванд;
10.1.17. Бо мақсади иҷрои Созишнома, бо ҳама гуна роҳҳо коркард намудани ҳамаи маълумотҳои шахсии Мизоҷ, ки аз ҷониби Мизоҷ шахсан ва ё тавассути шахсони сеюм ҳангоми бастани Созишнома ё дар давраи амали Созишнома пешниҳод шудааст.
10.1.18. Бонк ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ ба Мизоҷ огоҳиномаи хусусияти рекламавидоштаро бо яке аз роҳҳои дар банди 7.10. -и Созишномаи мазкур муқарраршуда ирсол намояд. Мизоҷ ҳуқуқ дорад, ки аз гирифтани чунин огоҳиномаҳо бо роҳи фиристодани огоҳиномаи дахлдор ба Бонк даст кашад.
10.1.19. Амалиётро боздорад ва ё аз иҷроиши амалиёт бо тартиби муқаррарнамудаи Созишнома ва қонунгузории амалкунанда рад кунад.
10.1.20. Ҳар вақт харид ва/ё фурӯши асъори хориҷиро боздорад.

10.2. **Ҳуқуқҳои мизоҷ:**
10.2.1. Гирифтани огоҳинома дар бораи амалиёти бо истифодаи Ҳамён бо тартиби пешбининамудаи Созишномаи мазкур;
10.2.2. Даъво намудан ба Бонк ва ирсол намудани аризаҳо бо тартиб ва ҳолатҳои пешбининамудаи Созишнома мазкур;
10.2.3. Бо тартиби яктарафа даст кашидан аз иҷрои Созишномаи мазкур дар сурати аз Бонк қарздор набудани Мизоҷ;
10.2.4. Амалӣ намудани дигар ҳуқуқҳои пешбининамудаи Созишномаи мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

10.2.5. Дар сурати розӣ набудани Мизоҷ бо амалиёти дар суратҳисоби ӯ гузаронидашуда, шикоятҳои Мизоҷ аз ҷониби Бонк қабул карда мешаванд ва аз тарафи Бонк дар давоми сӣ рӯзи тақвимӣ аз рӯзи пешниҳоди ариза оид ба норозӣ будан бо гузаронидани амалиёт, тибқи тартиботи дохилии Бонк баррасӣ карда мешаванд.

**10.3. Уҳдадориҳои Бонк:**
10.3.1. Мизоҷро оиди ворид намудани тағйиротҳо ба Созишномаи мазкур (аз ҷумла, Тарофаҳо ва/ё шартҳои расонидани хизматҳои иловагӣ) тавассути ҷойгиркунии таҳрири нави ҳуҷҷати дахлдор дар Сомонаи Бонк ё ирсоли огоҳинома ба Мизоҷ ба таври дигари пешбининамудаи Созишномаи мазкур огоҳ карда шавад;
10.3.2. Сирри бонкиро оид ба амалиёт бо истифодаи Ҳамён ва маълумот оиди Мизоҷ нигоҳ дорад. Маълумотномаҳо ба шахсони дигар оид ба амалиёт бо истифодаи Ҳамён ва маълумот оиди Мизоҷ метавонанд бе розигии Мизоҷ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шаванд.

**10.4. Уҳдадориҳои Мизоҷ**
10.4.1. Ба Бонк маълумотҳои дуруст ва актуалӣ пешниҳод намояд, инчунин, дар ҳолатҳои пешбининамудаи Созишномаи мазкур, барои баргардонидани бақияи маблағҳои пулӣ танҳо реквизитҳои суратҳисоби шахсӣ/корти худро барои баргардонидани бақияи маблағҳои электронӣ пешниҳод намояд;
10.4.2. Ҳангоми гузаштани расмиёти мушаххаскунӣ, ба Бонк маълумоти мушаххаскунандаи дурустро пешниҳод намояд;
10.4.3. Саривақт ба Бонк дар бораи тағйир додани маълумоти шахсӣ, реквизитҳо ва маълумотҳо дар ҳуҷҷатҳои барои машаххаскунӣ пешниҳодшаванда, маълумотҳо барои фиристодани огоҳиномаҳо хабар диҳад. Ба Бонк ирсол накардани огоҳинома аз ҷониби Мизоҷ оиди мавҷуд набудани чунин тағйиротҳо, маълумотҳои мушаххаскунанда дар давоми се моҳ аз лаҳзаи фаро расидани муҳлати навсозӣ, аз ҷониби Мизоҷ мувофиқат намудан бо воқеият ва бетағйир будани маълумотҳои қаблан аз ҷониби Мизоҷ хабардодашуда эътироф карда мешавад;
10.4.4. Ба Бонк маълумот ва ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Бонк дар доираи иҷроиши Созишномаи мазкур талабшударо пешниҳод намояд;
10.4.5. Бо талаби Бонк ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва маълумоти марбут ба гузаронидани амалиётҳои асъориро бо тартиб ва муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;
10.4.6. Бо талаби Бонк маълумот, инчунин, ҳуҷҷатҳои тасдиққкунандаи манбаи пайдоиши маблағҳои пулӣ ба суратҳисоби виртуалӣ, асос барои анҷом додани амалиётро пешниҳод намояд;
10.4.7. Бо мақсади иҷроиши Созишномаи мазкур, Мизоҷ ба Бонк барои коркарди ҳама гуна маълумотҳои шахсии бо роҳҳои гуногун розигӣ медиҳад. Ин розигӣ дар давраи муҳлати амали Созишномаи мазкур эътибор дорад ва метавонад аз тарафи Мизоҷ бо тартиби радди яктарафа аз иҷрои Созишнома бозхонд карда шавад. Ҳангоми иҷрои Созишнома Мизоҷ ба Бонк маълумотҳои шахсии шаъсони сеюмро пешниҳод мекунад,  онгоҳ ӯ қонунӣ будани қабули онҳо ва мавҷудияти розигии субъектҳои ин маълумотҳоро барои пешниҳоди онҳо кафолат дода, масъулиятро барои қонунӣ будани пешниҳод ва мутобиқатии онҳоро бо воқеият ба худ мегирад;
10.4.8. Дар давоми 10 (даҳ) рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани талаботи дахлдор, ба Бонк зарарҳои дар робита бо нокифоягии бақияи маблағҳои электрониро барои интиқоли маблағҳои пулӣ бо талаботи Бонк дар ҳолатҳои зикрнамудаи зербанди 5.6.6. -и Созишнома мазкур, инчунин, ҳама гуна дигар зараре, ки дар робита бо иҷро накардан ё иҷроиши нодурусти уҳдадориҳои Мизоҷ дар назди Бонк ба амал омадаанд, ҷуброн намояд.
10.4.9. Дигар уҳдадориҳои пешбининамудаи Созишномаи мазкурро иҷро намояд.

## 11. Тартиби бастани Созишнома ва муҳлати амали он

11.1. Созишномаи мазкур байни Бонк ва Мизоҷ дар шакли шартномаи ҳамроҳшавӣ баста мешавад.
11.2. Қабули шартҳои Созишнома ин анҷом додани амалҳои зерин аз ҷониби Мизоҷ мебошад:
— пур кардани шакли бақайдгирӣ дар сомонаи Бонк ё бо роҳи насб намудани Ҳамён дар дастгоҳи мобилӣ, аз ҷумла, ташаккули маълумотҳои авторизатсионӣ;
— шиносоӣ бо шартҳои Созишномаи мазкур ва анҷом додани амалҳои конклюдентӣ, ки оиди розигӣ бо онҳо, яъне истифодаи воқеии Ҳамён шаҳодат медиҳад.
11.3. Қабули шартҳои Шартномаи мазкур маънои аз ҷониби Мизоҷ пурра ва бечуну чаро қабул кардани ҳамаи шартҳои Созишномаи мазкурро бе ягон истисно ва /ё маҳдудиятҳо дорад ва бо бастани розигии хаттии дуҷониба дар бораи истифодаи хизматрасонии "Эсхата Онлайн» баробар мебошад.
11.4. Муҳлати қабули шартҳои Созишнома маҳдуд нест.

## 12. Тағйир додан ва қатъ намудани Созишнома, қатъ намудани истифодаи Ҳамён

12.1. Тағйиротҳо ба Созишномаи мазкур бо роҳи аз ҷониби Мизоҷ қабул намудани пешниҳоди расмии дахлдори Бонк ворид карда мешаванд. Бонк ба Мизоҷ пешниҳоди расмӣ оиди ворид намудани тағйиротҳо ба Созишномаи мазкур тавассути ҷойгир намудани таҳрири нави Созишнома дар сомонаи Бонк ирсол менамояд.
12.2. Дар сурати аз ҷониби Бонк нагирифтани огоҳиномаи хаттӣ, Мизоҷ оиди ба таври яктарафа рад кардани иҷрои Созишномаи мазкур дар мӯҳлати муқаррарнамудаи банди 12.3. - и Созишномаи мазкур, ҳамчунин, анҷом додани ҳама гуна амалиёт бо истифодаи Ҳамён дар давоми мӯҳлати зикргардида, Мизоҷ пешниҳоди расмии Бонкро оиди ворид намудани тағйирот ба Созишномаи мазкур қабулнамуда ҳисобида мешавад.
12.3. Дар сурати рад кардани қабули пешниҳоди расмии Бонк дар бораи тағйир додани шартҳои Созишнома, аз ҷумла, шартҳои пешниҳоди хизматрасониҳои иловагӣ, Мизоҷ ҳуқуқ дорад дар давоми се рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи ҷойгиркунии таҳрири нави Созишномаи мазкур, аз ҷумла, шартҳои пешниҳоди хизматрасониҳои иловагӣ дар Сомонаи Бонк, бо тартиби яктарафа аз иҷрои Созишномаи мазкур даст кашад.
12.4. Даст кашидан аз иҷрои Созишномаи мазкур, бекор кардани Созишномаи мазкур, қатъ намудани амали Созишномаи мазкур бо дигар сабабҳо, боиси қатъи истифодаи Ҳамёни дахлдор мегардад.
12.5. Маблағи бақияи пули электронӣ дар лаҳзаи бекор кардани Созишнома бояд ба суратҳисоби бонкии Мизоҷ дар ташкилоти қарзӣ ё ба корти пардохтии Мизоҷ гузаронида шавад. Мӯҳлати баргардонидани бақияи маблағи электронӣ аз санаи аз ҷониби Мизоҷ қабул намудани реквизитҳои суратҳисоби бонкӣ/корти пардохтии ӯ барои гузаронидани бақияи маблағҳои электронӣ ҳисоб карда мешавад ва то 1 рӯзи бонкиро дар бар мегирад. Шакл ва роҳҳои аз ҷониби Мизоҷ пешниҳод намудани реквизитҳои бонкӣ, аз ҷониби Бонк муқаррар карда мешаванд ва ба Мизоҷ ҳангоми муроҷиат намудани ӯ ба хадамоти дастгирӣ хабар дода мешавад. Бонк аз Мизоҷ талаб намудани реквизитҳои бонкиро дар намуди қоғазин ба суроғаи зикрнамудаи Созишномаи мазкур ҳуқуқ дорад.
12.6. Ҳангоми аз ҷониби Мизоҷ вайрон кардани қоидаҳои истифодабарии воситаҳои электронии пардохти дар қисми муқаррарнамудаи зербандҳои 4.18.1., 4.18.8. – 4.18.11. -и Созишномаи мазкур, Бонк ҳуқуқ дорад бо тартиби яктарафа аз иҷрои Созишномаи мазкур бо роҳи ирсол намудани огоҳиномаи дахлдор ба Мизоҷ бо яке аз роҳҳои пешбининамудаи Созишномаи мазкур даст кашад. Дар ин ҳолат, Созишномаи мазкур бо гузаштани 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ баъд аз ирсоли огоҳиномаи дахлдор бекоршуда ҳисобида мешавад.
12.7. Мизоҷ ҳуқуқ дорад дар ҳар вақт аз истифодаи ин Созишномаи мазкур бо роҳи фиристодани огоҳиномаи дахлдор ба Бонк бо усулҳои пешбининамудаи Созишномаи мазкур даст кашад. Дар ин ҳолат Созишномаи мазкур бо гузаштани 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ баъди аз тарафи Бонк гирифтани огоҳиномаи дахлдор бекоршуда ҳисобида мешавад.
12.8. Бонк ҳуқуқ дорад бо тартиби яктарафа аз иҷрои Созишномаи мазкур бо яке аз роҳҳои пешбининамудаи Созишномаи мазкур даст кашад. Дар ин маврид Созишномаи мазкур бо гузашти 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ баъди ирсоли огоҳиномаи дахлдор бекоршуда ҳисобида мешавад.

## 13. Масъулияти Тарафҳо

13.1. Тарафҳо барои иҷрои нодуруст ва иҷро накардани уҳдадориҳои худ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартҳои Созишномаи мазкур масъул мебошанд.
13.2. Бонк, инчунин, дар назди Мизоҷ барои ҷуброни охирин маблағи амалиёт, ки бе розигии Мизоҷ, мутобиқи талаботи моддаи 7-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ" анҷом дода шудааст, масъул мебошад. Асос барои рад кардани пардохти ҷуброни зикргардида, аз ҷониби Мизоҷ вайрон кардани тартиби воситаи электронии пардохт мебошад, ки бо кадоме аз бандҳои 4.18.1. - 4.18.7. -и Созишномаи мазкур муқаррар карда шудааст. Мизоҷе, ки ба Бонк мутобиқи қисми 6-и моддаи 7 -и қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ" огоҳинома ирсол намудааст, вазифадор аст дар муддати як моҳ аз санаи фиристодани чунин огоҳинома, гирифтани аризаи Мизоҷро, ки бо шакли муқаррарнамудаи Бонк, бо риояи талаботи банди 8.1.-и Созишномаи мазкур, бо пешниҳоди тавзеҳот дар бораи ҳодисаи баамаломада тартиб дода шудааст, таъмин намояд. Баррасии масъалаи ҷуброни зараре, ки бо дастрасии беиҷозат ба Ҳамён расонида шудааст, танҳо дар асоси чунин ариза амалӣ карда мешавад. Аз ҷониби Мизоҷ иҷро накардани уҳдадории зикргардида оид ба пешниҳоди ариза дар мӯҳлати зикргардида, рад кардани Мизоҷ аз огоҳиномаи аввали ба Бонк ирсолшудаи пешбининамудаи сархати мазкур эътироф карда мешавад.
13.3. Бонк барои зерин масъул нест:
13.3.1. барои вайрониҳо дар кори почта, Интернет, шабакаҳои алоқа, ки бо сабабҳои аз Бонк вобастанабуда ба амал омадаанд ва боиси аз ҷониби Мизоҷ саривақт нагирифтан ва ё тамоман нагирифтани огоҳиномаҳои Бонк гардидаанд;

13.3.2. дар ҳолати вайрониҳои техникӣ (хомӯш кардан/вайрон шудани ноқилҳои барқӣ ва шабакаҳои алоқа, вайрониҳо дар таъминоти барномавии маркази протсессингӣ ва вайрониҳои техникӣ дар низомҳои пардохтӣ), ки боиси аз ҷониби Бонк иҷро накардани шартҳои Созишнома гардидаанд;
13.3.3. агар маълумот дар бораи амалиёти бо истифодаи Ҳамён, маълумотҳои авторизатсионии Мизоҷ ба шахсони сеюм дар натиҷаи гӯш кардан ё кашида гирифтани шабакаҳои алоқа ҳангоми истифодаи онҳо маълум мегардад;
13.3.4. агар маълумот дар бораи амалиёти бо истифодаи Ҳамён, маълумотҳои авторизатсионии Мизоҷ ба шахсони сеюм дар натиҷаи аз ҷониби Мизоҷ вайрон намудани банди 4.18.-и Созишномаи мазкур ё дигар ҳолатҳои дигари аз ҷониби Мизоҷ риоя нашудани шартҳои нигоҳдорӣ ва истифодаи маълумотҳои авторизатсионӣ маълум мегардад;
13.3.5. барои муваққатан ба Мизоҷ мавҷуд набудани дастрасӣ ба воситаҳои алоқа, ки истифодаи Ҳамён ва ҳамкорӣ бо Бонкро дар доираи Созишномаи мазкур, инчунин, зарарҳои бо он вобастаи Мизоҷ таъмин менамояд;
13.3.6. барои зарарҳое, ки ба Мизоҷ дар натиҷаи муҳосираи Ҳамён, боздоштани амалиёт ё рад кардан аз иҷрои амалиёт, инчунин, боздошти харид/фурӯши асъори хориҷӣ ба амал омадаанд;
13.3.7. барои зарарҳои Мизоҷ ва/ё шахсони сеюм дар натиҷаи имконнопазирии истифодаи Ҳамён сарфи назар аз сабабҳои чунин имконнопазирӣ;
13.3.8. барои зараре, ки дар натиҷаи аз ҷониби Мизоҷ нодуруст пур кардани супоришнома оиди анҷом додани амалиёт ба амал омадаанд;
13.3.9. барои зарарҳое, ки дар натиҷаи зикр намудани рақами нодурусти Ҳамён ҳангоми пешниҳоди маблағҳои пулӣ ба амал омадаанд, ки баъд аз он аз ҷониби Мизоҷ истифода бурда шудаанд, ки ба Ҳамёни ӯ маблағҳои пулӣ гузаронида шуда буданд;
13.3.10. барои зарарҳое, ки дар натиҷаи аз ҷониби Мизоҷ вайрон кардани тартиби муқарраргардидаи ворид намудани маблағҳои пулӣ ба амал омадаанд;
13.3.11. барои зарарҳое, ки дар натиҷаи аз ҷониби Мизоҷ ворид намудани маблағи пулӣ ба амал омадаанд, ки даровардани онҳо дар робита бо зиёд будани меъёри бақияи маблағҳои электронӣ имконнопазир аст;
13.3.12. барои зарарҳое, ки дар натиҷаи аз ҷониби Мизоҷ пешниҳод намудани маълумотҳои нодуруст ва хато барои ирсоли огоҳиномаҳо ба амал омадаанд;
13.3.13. барои зарарҳое, ки дар натиҷаи аз ҷониби Мизоҷ пешниҳод намудани маълумотҳои авторизатсионии нодуруст ба амал омадаанд;
13.3.14. барои зарарҳое, ки дар натиҷаи аз ҷониби Мизоҷ навсозӣ накардани маълумотҳо барои ирсоли огоҳиномаҳо ва/ё маълумотҳои мушаххаскунанда ба амал омадаанд;
13.3.15. барои зарарҳое, ки дар натиҷаи аз ҷониби Бонк рад кардани иҷрои Созишнома ба амал омадаанд, агар чунин радкунӣ бо вайрон кардани тартиби истифодаи воситаи электронии пардохт аз ҷониби Мизоҷ алоқаманд бошад.
13.4. Мизоҷ барои зараре, ки ба Бонк дар натиҷаи  риоя накардани талаботҳои Созишномаи мазкур расонида шудааст-дар ҳаҷми пурраи зарари ба Бонк расонидашуда, барои маълумоти нопурра ва носаҳеҳ, ки ба Бонк пешниҳод кардааст, ба таъхир гузоштани пардохти маблағи қарздорӣ (овердрафти техникӣ) дар назди Бонк  дар ҳаҷми маблағи пардохтнашуда, ҷавобгар мебошад.
13.5. Дар сурати дер ё нодуруст ба Суратҳисоби Мизоҷ гузаронидан ё аз он хориҷ кардани маблағҳои пулӣ, Бонк бояд барои ҳар рӯзи таъхир ба Мизоҷ аз рӯи маблағи мӯҳлати пардохташ батаъхирафтода мувофиқ ба меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ҷарима медиҳад.

**14. Маълумот оиди сохтори Бонк, ки ба мизоҷон хизмат мерасонанд.**

14.1.Мизоҷон бо таклифу пешниҳодҳо ва дигар масъалаҳои вобаста ба хизматрасонии бонкии мазкур метавонанд ба Департаменти тиҷорати рақамӣ-и ҶСК "Бонки Эсхата" бо рақами **(44)600-0-600** муроҷиат намоянд.

**15. Тартиби ҳалли баҳсҳо ва баррасии шикоятҳои мизоҷон.**

15.1.Ҳамаи баҳсҳо, ки дар рафти иҷрои Шартномаи мазкур ва истифодаи хизматрасонии бонкӣ  ба миён меоянд, тавассути музокирот ва гуфтушунид бо риояи тартиб даъвогии то судӣ ҳаллу фасл карда мешаванд.
15.3. Дар ҳолати пайдо шудани норозигии Мизоҷ нисбат ба хизматрасонии бонкии мазкур, ӯ метавонад эрод ё норозигии худро тавассути рақами боварии **"808"** ба ҶСК "Бонки Эсхата" пешниҳод кунад, ё бо воситаи почтаи электронӣ **shikoyat@eskhata.tj** бо шикояти расмӣ муроҷиат намояд. Дар ҳолате, ки агар баҳси баамаломада дар давоми 30 (сӣ) рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани даъвои Мизоҷ ҳал карда нашавад, ҳар яке аз Тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки барои ҳалли баҳс ба суд муроҷиат намояд.
15.4. Ҳангоми бо роҳи музокирот ё гуфтушунид ҳал нашудани ихтилофоти ба миён омада, даъвогар метавонад тибқи талаботи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд муроҷиат намояд.

**16. Мӯҳлати амали созишнома**

16.1.Созишномаи мазкур аз лаҳзаи аз ҷониби мизоҷ қабул шуданаш мавриди амал қарор дода шуда, ба муҳлати номуайян баста мешавад.
16.2. Амали Созишномаи мазкур дар чунин ҳолатҳо пеш аз муҳлат бекор карда мешавад:

16.2.1. Бо хоҳиши Мизоҷ;

16.2.2. Аз тарафи Мизоҷ дар ҳолати аз ҷониби Бонк вайрон шудани шарту талаботҳои Созишномаи мазкур;

16.2.3. Бо ташаббуси Бонк, дар ҳолати аз ҷониби Мизоҷ бартараф нашудани талаботҳои вайроннамудаи Созишномаи мазкур.

**17. Асос ва тартиби яктарафа тағйир додани шартҳои созишнома**

17.1.Асос барои яктарафа тағйир додани шартҳои Созишнома аз ҷониби Бонк ин ба Қонунгузории ҷорӣ мутобиқ намудани Созишнома, мукаммал гардодонидани хизматрасониҳои бонкӣ ва аз ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои Бонк иборат мебошад.
17.2. Бонк метавонад ба таври яктарафа ба Созишномаи мазкур ва замимаҳои он, Тарофаи Бонк тағйироту иловаҳо ворид намояд ва оиди ба таври яктарафа тағйир ёфтан (аз он ҷумла, оиди мавриди амал қарор гирифтани чунин тағйиротҳо) на дертар аз 10 (Даҳ) рӯзи тақвимӣ то мавриди амал қарор гирифтани тағйироту иловаҳо ба Мизоҷ маълумот диҳад. Маълумот тариқи ҷойгирнамоии таҳрири нави Созишнома (замимаҳо) ва Тарофаи Бонк ё худи тағйироту иловаҳо дар сомонаи расмии Бонк www.eskhata.com, расонида мешавад;

**18. Муқаррароти дигар**

18.1. Мизоҷ кафолат медиҳад, ки ҳамаи шартҳои Созишномаи мазкур ба ӯ фаҳмо мебошанд ва ӯ онҳоро бечуну чаро ва ба пуррагӣ қабул менамояд.
18.2. Мизоҷ кафолат медиҳад, ки ӯ Ҳамёнро зиддиқонунӣ, бо мақсади тартиби истифодаи Ҳамёнро вайронкунандаи бо Созишномаи мазкур муайяншуда, инчунин, бо мақсадҳои дигари ғайр аз дар Созишномаи мазкур зикргардида, истифода намебарад.
18.3. Мизоҷ тасдиқ мекунад, ки дорои манфиатгиранда ва соҳибони бенефитсиарӣ мебошад ва танҳо барои манфиати шахсӣ амал мекунад.
18.4. Вақти анҷом додани ҳамаи амалиётҳо бо истифода аз Ҳамён, вақти Душанбе мебошад, ки дар асоси маълумотҳои сервери Бонк муайян карда мешавад, ки маълумотро оид ба амалиёт коркард менамояд, агар тартиби дигари муайян кардани вақт иловатан пешакӣ қайд карда нашуда бошад.
18.5. Нисбати Тарафҳо дар доираи Созишномаи мазкур сарфи назар аз шаҳрвандӣ ва ҷои истиқомати Мизоҷ ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

**19. Нишонии Бонк**

**Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Бонки Эсхата”**
**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,**
**шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Гагарин 135.**
**РМА 510004229**
**РЯМ 5110001371**
**Тел: +992 44 600 0 600, рақами кӯтоҳ 808.**

*Замима 1*
*ба Созишнома оиди анҷом додани*
*интиқоли воситаҳои пулӣ бо истифода аз*
*хизматрасонии “Эсхата Онлайн”-и*
*Қоидаҳои хизматрасонии комплексии бонкӣ*

# СОЗИШНОМАИ ЛИТСЕНЗИОНӢ БАРОИ ИСТИФОДАИ БАРНОМАИ «ЭСХАТА ОНЛАЙН»

Пеш аз истифодаи барнома, лутфан, бо шартҳои Созишномаи литсензионии мазкур ("Иҷозатнома") шинос шавед. Истифодаи барнома танҳо дар асоси шартҳои Иҷозатнома имконпазир аст. Агар Шумо шартҳои Иҷозатномаро ба пуррагӣ қабул накунед, Шумо барои истифодаи барнома бо ягон мақсад ҳуқуқ надоред.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Созишномаи литсензионии мазкур ("Иҷозатнома”) шартҳои истифодабарии барномаи "Эсхата Онлайн"-ро барои дастгоҳҳои мобилӣ ("Барнома") муқаррар менамояд ва байни ҳамаи шахсони Барномаро истифодабаранда ("Истифодабаранда") ва ҶСК "Бонки Эсхата" ("Соҳибҳуқуқ»)  баста мешавад.
Муносибатҳои дигар, ки бевосита дар Иҷозатномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, ҳамчунин, вале бе маҳдудият, муносибатҳо оид ба амалигардонии интиқоли маблағҳои пулӣ, пешниҳоди воситаи электронии пардохт ба Истифодабаранда, гузаронидани амалиётҳои дигари марбут ба анҷом додани фаъолияти бонкӣ, мавзӯи танзими Иҷозатномаи мазкур нестанд.
1.2. Бо нусхабардорӣ намудани Барнома бо насб намудани он дар дастгоҳи мобилии худ ё истифодаи он ба таври дигар, Истифодабаранда розигии пурраи худро бо ҳамаи шартҳои Иҷозатнома иброз медорад. Истифодаи Барнома танҳо дар асоси шартҳои Иҷозатномаи мазкур иҷозат дода мешавад. Агар Истифодабаранда шартҳои Иҷозатномаро ба пуррагӣ қабул накунад, Истифодабаранда ҳуқуқи бо ягон мақсад истифода бурдани Барномаро надорад. Истифодаи Барнома бо вайрон кардани (иҷро накардани) яке аз шартҳои Иҷозатнома манъ аст.
1.3. Истифодаи Барнома аз ҷониби Истифодабаранда дар асоси шартҳои Иҷозатномаи мазкур бо мақсадҳои шахсии ғайритиҷоратӣ ройгон анҷом дода мешавад. Истифодаи Барнома бо шарт ва роҳҳое, ки бо Иҷозатномаи мазкур пешбинӣ нашудааст, танҳо дар асоси созишномаи алоҳида бо Соҳибҳуқуқ имконпазир аст.
1.4. Ҳангоми истифода бурдани Барнома, Истифодабаранда вазифадор аст, ки шартҳои Иҷозатномаи мазкур, Созишнома ва инчунин, ҳама гуна дигар шартномаҳои байни Истифодабаранда ва Соҳибҳуқуқ мавҷударо риоя намояд.

## 2. Ҳуқуқ ба Барнома

2.1. Ҳуқуқи истисноӣ ба Барнома ба Соҳибҳуқуқ тааллуқ дорад.

## 3. Иҷозатнома

3.1. Соҳибҳуқуқ ба Истифодабаранда ҳуқуқи истифодаи Барномаро дар қаламрави кишварҳои тамоми ҷаҳон ройгон, бе иҷозати додан ба шахси сеюм ва дар асоси шартҳои Иҷозатномаи оддӣ (ғайриистисноӣ) ба таври зерин пешниҳод менамояд:
3.1.1. Барнома аз рӯи таъиноти функсионалӣ истифода бурда шавад, ки бо ин мақсад бояд он дар дастгоҳи мобилии Истифодабаранда нусхабардорӣ ва насб гардад. Истифодабаранда ҳуқуқ дорад, ки Барномаро ба миқдори номаҳдуди дастгоҳҳои мобилӣ насб кунад.
3.1.2. Нусхабардорӣ ва паҳн намудани Барномаи бо мақсадҳои ғайритиҷоратӣ (ройгон)
3.2. Ба истиснои истифода дар ҳаҷм ва бо роҳҳое, ки бевосита бо Иҷозатномаи мазкур ё қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, Истифодабаранда барои тағйир додан, декомпилятсия кардан, дизассемблятсия кардан, дешифровка кардан ва иҷрои дигар амалҳои алоқаманд бо рамзи объектии Барнома, ки мақсади гирифтани иттилоот дар бораи татбиқи алгоритми дар Барнома истифодабарандаро доранд, бо истифодаи Барнома нусхабардорӣ кардан, инчунин иҷрои амали дигар (иҷозат додан барои амалӣ намудан), бе розигии хаттии Соҳибҳуқуқ ҳуқуқ надорад.
3.3. Истифодабаранда барои тағйир додани номи Барнома, тағйир додан ва/ тоза кардани нишонаи ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ё дигар нишона ба Соҳибҳуқуқ ҳуқуқ надорад. Иҷозатномаи мазкур ба Истифодабаранда барои истифодаи объекти моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла, тамғаҳои молӣ, ба истиснои ҳуқуқҳои бо Иҷозатномаи мазкур вобаста ба Барнома додашуда, ягон ҳуқуқ намедиҳад.
3.4. Истифодабаранда барои нусхабардоӣ ва паҳн намудани Барнома бо мақсадҳои тиҷоратӣ (аз ҷумла, барои маблағ), инчунин, дар ҳайати маҷмӯи маҳсулотҳои барномавӣ, бе розигии хаттии Соҳибҳуқуқ ҳуқуқ надорад.

3.5. Соҳибҳуқуқ барои паҳн намудани Барнома дар шакле, ки аз қабулкардааш фарқ мекунад, бе розигии хаттии Соҳибҳуқуқ ҳуқуқ надорад.

**4. Маълумот дар бораи истифодаи Барнома**

4.1. Истифодабаранда ба ин васила хабардор карда шудааст ва розӣ аст, ки ҳангоми истифода бурдани Барнома, ба Соҳибҳуқуқ дар речаи автоматӣ маълумоти зерин метавонад дода шавад: намуди низоми амалиётии дастгоҳи мобилии Истифодабаранда, намуд (версия) ва мушаххаскунандаи (идентификатор) Барнома, омори истифодаи функсияҳои Барнома, инчунин дигар маълумоти техникӣ.

Соҳибҳуқуқ метавонад ин маълумотро бо салоҳдиди худ истифода барад, аз ҷумла, маълумотҳои ҷамъоваришударо (бе мутобиқ намудан ба Истифодабаранда) ба шахсони сеюм интиқол диҳад, барои тартиб додани ҳисоботҳо оиди Барнома истифода барад, инчунин, то ба маълумоти умум расонад.

**5. Шартҳои истифодаи баъзе функсияҳои Барнома**

5.1. Иҷроиши як қатор функсияҳои Барнома танҳо дар сурати мавҷуд будани дастрасӣ ба шабакаи Интернет имконпазир аст. Истифодабаранда чунин дастрасиро мустақилона аз рӯи тарофаи оператори алоқаи худ ё провайдери дастрасӣ ба шабакаи Интернет ба даст меорад ва пардохт мекунад.

5.2. Соҳибҳуқуқ барои ирсол намудани паёмакҳои иттилоотӣ ё рекламавӣ ба Истифодабарандагон, аз ҷумла, бо истифода аз технологияи push-огоҳӣ, ҳуқуқ дорад. Бо баробари истифодабарии Барнома, Истифодабаранда барои қабули push-огоҳиҳои дахлдор розигӣ медаҳад. Истифодабаранда барои даст кашидан аз гирифтани огоҳӣ бо истифода аз функсионали дахлдори Барнома ҳуқуқ дорад.

**6. Масъулият тибқи Иҷозатнома**

6.1. Барнома дар асоси шартҳои "намуди аслӣ" пешниҳод карда мешавад. Соҳибҳуқуқ вобаста ба кори бехато ва мунтазами Барнома ё қисматҳои алоҳидаи он ва /ё функсияҳо, мувофиқатии Барнома ба мақсадҳо ва интизориҳои муайяни Истифодабаранда ягон кафолат пешниҳод намекунад, инчунин, ягон кафолатҳои дигар, ки бевосита дар Иҷозатномаи мазкур зикр нагардидаанд, пешниҳод намекунад.

Истифодабаранда эътироф мекунад ва розӣ мешавад, ки ҳама гуна маълумот (аз ҷумла, тавсияҳо оид ба истифодаи Барнома дар шакли шифоҳӣ е хаттӣ), ки аз ҷониби Соҳибҳуқуқ ба Истифодабаранда пешниҳод шудааст, вале дар Иҷозатномаи мазкур ба таври равшан ифода карда нашудааст, пешниҳоди кафолат нест.

6.2. Соҳибҳуқуқ барои ҳама гуна натиҷаҳои бевосита ё бавоситаи истифодабарӣ ё имконнопазирии истифодабарии Барнома ва /ё зараре, ки ба Истифодабаранда ва /ё шахсони сеюм дар натиҷаи ягон намуди истифодабарӣ, истифода набурдан ё имконнопазирии истифодабарии Барнома ё қисматҳо ва /ё функсияҳои алоҳидаи он, аз ҷумла, аз сабаби хатогиҳои эҳтимолӣ ё вайроншавӣ дар кори Барнома расонидааст, ба истиснои ҳолатҳое, ки бевосита дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, масъул намебошад.

6.3. Ҳамаи суолҳо ва даъвоҳои алоқаманд бо истифодабарӣ/имконнопазирии истифодабарии Барнома, инчунин, вайроншавии эҳтимолии Барномаи қонунгузорӣ ва /ё ҳуқуқҳои шахсони сеюм, бояд ба соҳибҳуқуқ ирсол карда шаванд.

**7. Навсозиҳо / намудҳои нави Барнома**

7.1. Амали Иҷозатномаи мазкур ба ҳамаи навсозиҳо / намудҳои нави минбаъдаи Барнома паҳн мешавад. Бо баробари розӣ шудан бо насби навсозӣ/ намуди нави Барнома, Истифодабаранда шартҳои истифодабарии Иҷозатномаи мазкурро барои навсозиҳои дахлдор / намудҳои нави Барнома қабул мекунад, агар навсозӣ / насб кардани намуди нави Барнома бо созишномаи дигари литсензионӣ ҳамроҳӣ карда намешавад.

**8. Тағйир додани шартҳои Иҷозатномаи мазкур**

8.1. Тағйирот ба созишномаи литсензионии мазкур бо роҳи қабули пешниҳоди расмии дахлдори Соҳибҳуқуқ аз ҷониби Истифодабаранда ворид карда мешавад. Соҳибҳуқуқ ба Истифодабаранда пешниҳоди расмӣ оид ба ворид намудани тағйиротҳо ба созишномаи литсензионии мазкурро тавассути нашр намудани таҳрири нави созишномаи литсензионӣ дар сомонаи Соҳибҳуқуқ www.eskhata.com ирсол мекунад.

8.2. Мутобиқи бандҳои 2 ва 3-и моддаи 470 –и Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сурати аз ҷониби Соҳибҳуқуқ нагирифтани огоҳиномаи хаттӣ аз Истифодабаранда оиди яктарафа рад кардани иҷрои Созишномаи мазкур дар муҳлати муқаррарнамудаи банди 8.3 созишномаи литсензионии мазкур, ҳамчунин иҷрои ҳама гуна амалиёт аз ҷониби Истифодабаранда дар доираи Барнома / дигар амалҳо оид ба истифодаи Барнома дар давоми муҳлати зикргардида, Истифодабаранда пешниҳоди расмии Соҳибҳуқуқро оиди ворид намудани тағйирот ба созишномаи литсензионии мазкур, қабулкарда ҳисобида мешавад.

8.3. Истифодабаранда ҳуқуқ дорад, дар давоми се рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи нашри / ҷойгиркунии таҳрири нави Иҷозатнома аз иҷроиши созишномаи литсензионии мазкур бо огоҳ намудани Соҳибҳуқуқ даст кашад.

Ҳамзамон, Истифодабаранда вазифадор аст, ки истифодаи Барномаро қатъ кунад, нусхаи онро аз дастгоҳи мобилӣ тоза кунад.

## 9. Муқаррароти дигар

9.1. Ба Иҷозатномаи мазкур ва ҳамаи муносибатҳое, ки бо истифодабарии Барнома алоқаманд мебошанд, боиси татбиқи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳама гуна даъвоҳо, ки аз Литсензияи мазкур ва ё истифодаи Барнома бармеоянд, бояд ба суди маҳалли ҷойгиршавии Соҳибҳуқуқ пешниҳод шуда, баррасӣ карда шаванд.
9.2. Соҳибҳуқуқ метавонад ба Истифодабаранда тарҷумаи Литсензияи мазкурро аз забони русӣ ба дигар забонҳо пешниҳод кунад, аммо дар сурати ба вуҷуд омадани ихтилоф байни шартҳои Иҷозатнома ба забони русӣ ва тарҷумаи он, танҳо нусхаи русии Иҷозатнома қувваи ҳуқуқӣ дорад.
9.3. Маълумоти тамосии соҳибҳуқуқ:
ҶСК «Бонки Эсхата» (литсензия барои амалӣ намудани фаъолияти бонкӣ, бемуҳлат ва бе рақам, аз 20.05.2010)
Суроғаи маҳалли ҷойгиршавӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к. Гагарин, хонаи 135, РМА 5100042229, РЯМ 5110001371
9.4. Истифодабаранда кафолат медиҳад, ки ҳамаи муқаррароти Литсензияи мазкур ба ӯ фаҳмо аст ва ӯ онҳоро бечуну чаро ва ба пуррагӣ қабул мекунад.

*Замимаи 2*
*ба Созишнома оиди анҷом додани*
*интиқоли воситаҳои пулӣ бо истифода аз*
*хизматрасонии "Эсхата Онлайн"-и*
*Қоидаҳои хизматрасонии комплексии бонкӣ*

# СИЁСАТИ МАХФИЯТ

Хизматрасониҳои Бонк худ барномаҳои мобилӣ мебошанд, ки ба Истифодабарандагон барои амалӣ намудани ҳамкорӣ бо Бонк дар доираи Қоидаҳои хизматрасонии комплексии бонкӣ барои шахсони воқеӣ дар ҶСК "Бонки Эсхата" (минбаъд- Қоидаҳои ХКБ) ва замимаҳои он инчунин, бе бастани чунин шартномаҳо, аз ҷумла, мубодилаи иттилоот ва анҷом намудани амалиётҳои алоҳида тавассути Интернет ё барномаи махсуси дастгоҳҳои мобилӣ (смартфон, планшет ва ғайра), инчунин, низоми пардохтҳои электронӣ, ки ба Истифодабарандагони дастгоҳҳои мобилӣ барои пардохти хизматрасонӣ, амалӣ намудани интиқолҳои пулӣ байни шахсони воқеӣ имконият медиҳанд, шароит фароҳам меоранд. Гирифтани дастрасӣ барои истифодаи Хизматрасониҳои Бонкӣ маънои розигии бечуну чарои Истифодабарандагон бо муқаррароти Сиёсати махфияти мазкурро дорад.
Амнияти маълумотҳои шахсӣ, ки аз Истифодабарандагони Хизматрасониҳои Бонкӣ ба даст оварда мешаванд, аз ҷониби Бонк таъмин карда мешавад. Сиёсати махфияти мазкур бо мақсади зикр намудани рӯйхати маълумотҳое, ки метавонанд аз Истифодабарандагони Хизматрасониҳои Бонкӣ дархост карда шаванд, инчунин, усулҳои коркарди чунин маълумотҳо аз ҷониби Бонк ё дигар шахсон таҳия карда шудааст. Дар Сиёсати махфияти мазкур, инчунин, ҳадафҳое зикр шудаанд, ки барои онҳо метавонанд маълумотҳои шахсии Истифодабарандагон дархост ё паҳн карда шаванд. Бо бастани созишномаҳои алоҳида бо Истифодабарандагон, метавонанд мақсадҳои дигар пешбинӣ карда шаванд, ки дар онҳо метавонанд маълумоти шахсӣ дархост ё паҳн карда шаванд. Дар Сиёсати махфияти мазкур тадбирҳои асосии эҳтиётӣ низ зикр гардидаанд, ки бояд аз ҷониби Истифодабарандагон барои махфӣ боқӣ мондани маълумоти шахсии онҳо андешида шаванд.
Муқаррароти мазкур ба маълумоте татбиқ карда мешавад, ки аз ҷониби Бонк дар натиҷаи истифодаи Хизматрасонии Бонкӣ аз ҷониби Истифодабаранда ба даст оварда шудааст.

1. Маълумоти оиди Истифодабаранда қабулшаванда ва истифодашаванда, инчунин, мақсади истифодаи он

Маълумоти Истифодабарандагон аз ҷониби Бонк бо мақсади амалӣ намудани идоракунии техникии хизматрасониҳои Бонк, инчунин, барои гузаронидани таҳлил ва беҳтар намудани кори Хизматрасониҳои Бонк, барои пешниҳоди иттилоот ба Истифодабарандагон оиди хизматрасонии аз ҷониби Бонк пешниҳодшаванда ва маҳсулотҳои аз ҷониби Бонк пешниҳодшаванда, бо мақсади маркетингӣ, бо дигар мақсадҳои дар Сиёсати махфияти мазкур ё Қоидаҳои истифодабарии хизматрасониҳои алоҳидаи Бонк зикргардида ҷамъоварӣ мешаванд.
Дар Сиёсати махфияти мазкур зери мафҳуми маълумоти Истифодабаранда зерин фаҳмида мешавад: маълумоти шахсӣ, ки Истифодабаранда мустақилона ба Бонк ҳангоми кушодани сабти баҳисобгирӣ (учетная запись), бақайдгирӣ ва ғайра, инчунин, дар раванди истифодаи Хизматрасониҳои Бонк (ному насаб, суроғаи почтаи электронӣ, рақами телефон ва ғ.) пешниҳод мекунад;
инчунин, маълумотҳои ба таври автоматӣ дар ҷараёни истифодаи Хизматрасониҳои Бонкӣ ирсолшаванда, ҳамчунин, аммо бе маҳдудият: IP-суроға, маълумот дар бораи дастгоҳи мобилӣ, ки аз он дастрасӣ амалӣ карда мешавад ва ғайра.
Ҳангоми истифода аз Хизматрасониҳои Бонкӣ, метавонад маълумоти зерин дархост карда шуда ва ба даст оварда шавад:
Маълумот оиди Истифодабаранда.
Ҳангоми кушодани сабти баҳисобгирӣ/ё бақайдгирӣ, аз ҷониби Бонк маълумот дар бораи Истифодабаранда, масалан, ному насаб, суроғаи почтаи электронӣ, рақами телефон, инчунин реквизитҳои корти бонкӣ ё дигар воситаи пардохти электронӣ пурсида мешавад. Аз ҷониби Бонк, инчунин, метавонад маълумот иловагӣ пурсида шавад. Ҳангоми розигии алоҳидаи Истифодабаранда, Бонк метавонад дар бораи маълумоти тамосии Истифодабаранда маълумот гирад (телефон ва/ ё китоби суроғавӣ, тамосҳо дар дастгоҳи мобилӣ).
Маълумот оиди дастгоҳи мобилӣ**.**
Аз ҷониби Бонк маълумот оид ба дастгоҳи мобилии Истифодабарандагон, ба монанди модели дастгоҳи мобилӣ, версияи низоми амалиётӣ, мушаххаскунандагони нодири дастгоҳ, инчунин, маълумот дар бораи

шабакаи мобилӣ ва рақами телефони мобилӣ ҷамъоварӣ мегардад. Ғайр аз ин, мушаххаскунандаи дастгоҳ ва рақами телефони мобилӣ метавонанд ба сабти баҳисобгирии Истифодабаранда пайваст бошанд.
Маълумот оиди ҷойгиршавӣ.
Хизматрасониҳои Бонкӣ, ки дорои функсияи ҷойгиршавии ҷуғрофии дастгоҳи мобилии Истифодабаранда мебошанд, ба Бонк барои гирифтани маълумот оид ба ҷойи воқеии Истифодабаранда, аз ҷумла, маълумоти GPS, ки бо дастгоҳи мобилӣ ирсол мешавад, имконият медиҳад.
Маълумот дар бораи амалиётҳои анҷомдодашаванда.
Ҳангоми гузаронидани амалиётҳои пардохти мол ва хизматрасонӣ, интиқоли маблағҳои пулӣ ва дигар, аз ҷониби Бонк маълумот дар бораи ҷой, вақт ва маблағи амалиётҳои анҷомдодашуда, намуди усули пардохт, маълумот дар бораи фурӯшанда ва/ё таҳвилкунандаи хизматрасонӣ, шарҳи сабабҳои анҷом додани амалиёт, агар чунин мавҷуд бошад, инчунин, маълумоти дигари марбут ба анҷом додани амалиётҳои болозикр ҷамъоварӣ карда мешаванд.
Ҳангоми истифода бурдани маълумоти Истифодабарандагон, Бонк мувофиқи Сиёсати махфияти мазкур, инчунин, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад.
2. Пешниҳоли маълумоти истифодабарандагон ба шахсони сеюм
Бонк барои пешниҳод намудани маълумоти Истифодабарандагон ба шахсони вобастаи худ, инчунин, ба шарикон ва дигар ширкатҳо, ки бо Бонк бо мақсадҳои болозикр алоқаманд, ҳуқуқ дорад. Ҳангоми ин, шахсони вобастаи Бонк, инчунин, ширкатҳои бо он вобаста вазифадоранд Сиёсати махфияти мазкурро риоя намоянд.
Маълумоти Истифодабарандагон аз ҷониби Бонк ба ширкатҳо ва шахсони хусусӣ, ки бо Бонк алоқаманд нестанд, пешниҳод карда намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар зер оварда шудаанд.

— Истифодабаранда ба он розигии худро додааст. Барои пешниҳоди маълумоти Истифодабаранда аз ҷониби Бонк ба ширкатҳо ва шахсони хусусӣ, ки бо Бонк вобаста нестанд, аз он ҷумла, ба дигар Истифодабарандагон, розигии иловагии Истифодабаранда пурсида мешавад. Истифодабаранда дар вақти дилхоҳ метавонад розигии мазкурро бозхонад.

— Тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда.

Бонк метавонад маълумоти бехусусияткардашудаи Истифодабарандагони Хизматрасониҳои бонкиро ба шарикон пешниҳод намояд (масалан, бо мақсади гузаронидани тадқиқотҳои оморӣ ва дигар).
Ҳангоми интиқоли маълумоти Истифодабарандагон ба хориҷа, Бонк риояи қонунгузории амалкунанда ва Сиёсати махфияти мазкурро вобаста ба маълумоти Истифодабарандагон тавассути бастани шартномаҳо таъмин менамояд, ки дар онҳо кафолат дода мешавад, ки гирандагони маълумот сатҳи дахлдори амниятро риоя мекунанд.
3. Тадбирҳои амниятӣ, ки барои нигоҳ доштани махфияти маълумот истифода бурда мешаванд
Бонк барои таъмини амнияти иттилоотии Истифодабаранда аз кӯшиши дастрасии беиҷозат, тағйир додан, ошкор ё нобуд кардан, инчунин, дигар намудҳои истифодаи номувофиқ, тамоми тадбирҳои имконпазирро андешида истодааст. Аз ҷумла, аз ҷониби Бонк усули ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди маълумотҳо, инчунин, тадбирҳои бехатарии ҷисмонӣ барои муқовимат ба дастрасии беиҷозат ба низоми Бонк бо мақсади дуздидани амвол, фишинг ва дигар намудҳои қаллобӣ пайваста такмил дода мешаванд. Инчунин, аз ҷониби Бонк дастрасӣ ба маълумоти Истифодабарандагон ба кормандон, пудратчиён ва агентҳо бо пешбинӣ намудани ухдадориҳои шартномавии қатъӣ дар соҳаи махфият, ки барои вайрон кардани он тадбирҳои қатъии ҷавобгарӣ ва муҷозотҳои ҷаримавӣ пешбинӣ карда шудаанд, маҳдуд карда мешавад.
Амнияти истифодаи Хизматрасониҳои Бонкӣ, инчунин, аз риояи тавсияҳо аз ҷониби Истифодабарандагон, ки бо онҳо метавон дар сомонаи Бонк шинос шуд, вобаста аст. Истифодабаранда бояд маълумоти сабти баҳисобгирӣ, ба монанди логин ва рамзро аз шахсони сеюм махфӣ нигоҳ дорад. Истифодабаранда ухдадор мешавад, ки оиди пайдо шудани шубҳаи истифодаи беиҷозати сабти баҳисобгирии ӯ, фавран ба Бонк хабар диҳад.
Риояи тавсияҳо аз ҷониби Истифодабаранда ба Бонк имкон медиҳад, ки ҳифзи ниҳоии маълумоти ба Бонк пешниҳодшуда, аз ҷумла, реквизитҳои кортҳои бонкии Истифодабаранда (ё дигар воситаи пардохти электронӣ) ва дигар маълумотҳоро таъмин намояд, инчунин, хавфҳои имконпазирро ҳангоми анҷом додани амалиёт бо истифодаи реквизитҳои корти бонкӣ (ё дигар воситаи пардохти электронӣ) ҳангоми пардохти ғайринақдии маҳсулот ва хизматрасониҳо, аз ҷумла, тавассути Интеренет паст кунад.
4. Тағйир додани Сиёсати махфият. Қонунгузории татбиқшаванда
Бонк ҳуқуқ дорад ҳар вақт ба муқаррароти Сиёсати махфияти мазкур тағйирот ворид кунад ва онро навсозӣ кунад. Таҳрири нави Сиёсати махфият аз лаҳзаи ҷойгир намудани он эътибор пайдо мекунад, агар тибқи муқаррароти таҳрири нави Сиёсати махфият тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Бо мақсади шинос шудан бо таҳрири бештар амалкунандаи (актуалӣ), Бонк ба Истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ тавсия медиҳад, ки мунтазам Сиёсати махфияти мазкурро истифода барад.